*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 26 (12354)
30 июни
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО

# Ваҳдати миллӣ омили амнияти кишвар аст

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 25-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ**

26.06.2022, шаҳри Душанбе



**Ҳамватанони азиз!**

Дар таърихи ҳар як халқу миллат воқеаҳое рӯй медиҳанд, ки ҳамчун маҳсули ақлу хиради ҳамон миллат барои пойдории давлат аҳаммияти бузурги ҳаётӣ дошта, ба наслҳои минбаъда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунанд.

Барқарор гардидани сулҳу субот ва расидан ба ваҳдати миллӣ барои миллати тоҷик аз ҷумлаи ҳамин гуна рӯйдодҳои таърихӣ мебошад, ки имрӯзҳо 25-солагии он дар кишвари маҳбубамон таҷлил мегардад.

Ба ин муносибат ҳамаи шумо – мардуми азизи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиро самимона табрик мегӯям.

Дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта бар асари фитнаву дасисаи хоинони миллати тоҷик ва бадхоҳони давлати тоҷикон мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардиданд, ки дар натиҷаи он ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба буҳрони фоҷиабор рӯ ба рӯ шуданд.

Хатари бузургтарине, ки дар он айёми вазнин ба миён омада буд, эҳтимоли пароканда гардидани миллати тоҷик ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон буд.

Чунин шароити бисёр душвор ва вазъи хатарбор фарзандони содиқу ватандӯст ва огоҳу бедордили миллатро водор намуд, ки барои пешгирӣ кардани ин раванди хатарнок ва дар навбати аввал, даъват кардани иҷлосияи Шӯрои Олӣ – ягона мақоми босалоҳияти он рӯзҳо иқдомоти ҷиддиро роҳандозӣ намоянд.

Иҷлосияи шонздаҳуми таърихии Шӯрои Олӣ, ки соли ҷорӣ аз санаи баргузории он сӣ сол сипарӣ мегардад, аввалин санадҳои сарнавиштсоз – қатъи ҳарчи зудтари ҷангу хунрезӣ, барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ ва фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва дигар қарорҳои барои он рӯзҳо муҳимтарин ва таъҷиливу тақдирсозро қабул кард.

Бо ҳамин роҳ мо аввалин қадамҳоро ба сӯйи ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ гузошта, барои таъмин намудани ваҳдати миллӣ заминаи мусоид фароҳам овардем.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки маҳз ба шарофати қабул ва амалӣ гардидани қарорҳои Иҷлосияи шонздаҳум барои барқарорсозии сулҳу субот, ташкили рукнҳои давлати соҳибихтиёри демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, гузоштани заминаҳои ташаккули ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, низоми ҳуқуқии адолатпеша ва оғоз намудани барномаҳои пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ шароити зарурӣ муҳайё карда шуд.

Баъдан раванди музокироти байни тоҷикон оғоз гардид, ки дар кишварҳои гуногуни минтақа ва ҷаҳон беш аз чор сол идома пайдо кард.

Гуфтушунидҳои тӯлонӣ барои сулҳ 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва бо имзои санади тақдирсоз – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфтанд.

Вобаста ба ин, мехоҳам як воқеияти таърихиро, ки борҳо гуфтаам, бори дигар таъкид намоям.

Воқеият ин аст, ки майлу ирода, саъю талош, таҳаммулгароӣ ва хиради азалии миллати

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

## ДАР ИН ШУМОРА:

*Бахту саодат аз ваҳдат аст* саҳ. 2



*Забони модарии мо тавоност* саҳ. 6

*Тухми бадномӣ накорем* саҳ. 7

*Вазъи истироҳатгоҳҳои мактабиён ташвишовар аст* саҳ. 8



*Ҳофизаи башарият* саҳ. 9

*Нашъамандӣ таҳдид ба саломатист* саҳ. 10

*Татбиқи Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон* саҳ. 11

@ Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj

Телефони боварӣ: 227-76-86

*Хоста на камтар аз ёфта ширин аст.*
*Лион Фейхтвангер*

«Омӯзгор» № 26, 30 июни соли 2022

КАЛОМИ ПЕШВО

# Ваҳдати миллӣ омили амнияти кишвар аст

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

тамаддунсозу фарҳангсолори тоҷик ва тафаккури созандаву рӯҳи шикастнопазири халқи Тоҷикистон муҳимтарин омили расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад.

Ман ин суханонро ҳамеша бо ифтихор аз мардуми қаҳрамони тоҷик ба забон меоварам.

Вале дар айни замон мо бояд як нуктаи муҳимро ҳаргиз фаромӯш накунем, ки сулҳу оромӣ арзишмандтарин неъмати ҳаёти мост ва ҳифз кардану пойдор нигоҳ доштани он вазифа ва қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

Зеро сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ барои мо арзишҳои ҳаётан муҳимме мебошанд, ки ба шарофати онҳо мардуми Тоҷикистон ҳоло ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат, амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ ва осоиши ҳар як хонадон сарҷамъу аҳлона заҳмат мекашанд.

Имрӯз мардуми мо хуб дарк мекунанд, ки зиндагии осудаву ороми ҳар як оила, амалӣ гардидани нияту орзуи ҳар як шаҳрванд, ободии Ватан ва пешрафти давлат танҳо дар сурати пойдор будани сулҳу суботи комил имкон дорад.

Ҳамчунин, ба ҷо овардани фаризаҳои динӣ низ, ки ҷузъи муҳимми зиндагии мардуми мусулмони мо ба шумор мераванд, фақат дар шароити таъмин будани амният, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ муяссар шуда метавонад.

Дар ин раванд, дар хотир бояд дошт, ки хоинону бадхоҳони давлату миллати мо – онҳое, ки манфиатҳои милливу давлатиро қурбони нафс кардаанд ва имону виҷдони худро ба хоҷаҳои хориҷиашон фурӯхтаанд, ҳанӯз ҳам аз нияту нақшаҳои ғаразноки худ даст накашидаанд.

Аз ин лиҳоз, мо бояд ҳамеша дар фикри ҳимояи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва дар ғафлат намонем.

Қобили зикр аст, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва таъмин намудани ваҳдати миллӣ на танҳо омили наҷоти миллати тоҷик гардид, балки ҳамчун як сабақи омӯзандаи таърихӣ ва таҷрибаи нодири ҳалли мухолифату низоъҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ эътироф карда шуд.

Аҳаммияти сулҳу оромӣ дар замони муосир ва хусусан, солҳои охир, ки инсоният бо мушкилоти ниҳоят сахту сангин рӯ ба рӯ гардидааст, торафт боло меравад.

Илова ба пайомадҳои вазнини тағйирёбии глобалии иқлим, аз ҷумла, камобӣ, хушксолӣ, нарасидани маводи ғизоӣ, боловарии нархи маҳсулоти озуқа дар тамоми ҷаҳон ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ, мушкилоти амниятӣ, аз қабили вусъати бесобиқаи таҳдиду хатарҳои муосир – терроризм, ифротгароӣ, радикализми динӣ, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ имрӯз зиндагии аҳли башарро бисёр нороҳату нобасомон ва тоқатфарсо гардонидаанд.

Дар чунин шароити ниҳоят ҳассоси ҷомеаи башарӣ, яъне торафт мураккаб гардидани авзои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон ва печида гардидани раванду тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат ба шумор меравад.

Тамоми афроди ҷомеа – аз хурд то бузург бояд ба қадри аҳаммияти ҳаётии сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расанд ва ин неъмати бебаҳоро баробари дастоварди бузургтарини таърихи навини кишвари азизамон, яъне истиқлолу озодӣ чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоянд.

Вазифаи бисёр муҳимми мақомоти давлатӣ, олимону зиёиён, аҳли адаб ва кормандони воситаҳои ахбори умум, падару модарон ва тамоми ҷомеа дар ин самт тарбия кардани насли худогоҳу худшинос, содиқ ба миллату давлати худ ва ватандӯсту ватанпараст мебошад.

Мову шумо бояд сарзамини зебои худро сидқан дӯст дорем, ба қадру қимати Ватану ватандорӣ расем ва шукронаи сулҳу амнияти кишвар ва ваҳдати миллиро ҳамеша ба ҷо оварем.

Вусъат бахшидани заҳмати созандаву бунёдкорона ба хотири ободии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон ва пешрафти давлати соҳибистиқлоламон вазифаи ҳар яки мо – соҳибони Ватан мебошад.

Бо ибрози нияту орзуҳои нек мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиро бори дигар ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик мегӯям.

Бигзор, дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон ваҳдати миллӣ, сулҳу амният, файзу баракат ва хушбахтиву осудаҳолӣ абадӣ ҳукмрон бошад!

**Ҳамеша хонаободу сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

ШОДБОШӢ

# Бахту саодат аз Ваҳдат аст

## Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба муносибати 25-умин солгарди Ваҳдати миллӣ

**Устодон, шогирдон ва падару модарони арҷманд!**

Мардуми шарифи Тоҷикистон 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллиро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ва бо дастовардҳои шоистаи таҷлил менамоянд. Ваҳдати миллӣ ва сулҳу озодӣ неъмати гаронбаҳо ҳисоб ёфта, ҳамчун заминаи мустаҳкам барои рушду пешрафти Тоҷикистони азиз нақши арзандаи таърихӣ дорад. Тавре маълум аст, сулҳу ваҳдат ва озодию соҳибихтиёрӣ бо талошҳои ҷонфидоёнаи фарзанди бузурги миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароиту вазъияти басо мураккаб, марҳала ба марҳала таҳким ёфт ва поянда гардид. Иродаву талош ва ҷасорату матонати Пешвои миллат ба сифати сиёсатмадори асил ва роҳбари хирадманду фозил дар рӯзҳои фоҷиабори ҷанги дохилӣ, ки бо иғвою дасисаи гурӯҳе аз манфиатҷӯёни ҳизби назҳати исломӣ ва тарафдорони онҳо ба вуқӯъ пайваст, равшану бармало гардида, маҳз дар натиҷаи сиёсати оқилона ва дурандешонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвар аз вартаи ҳалокат раҳоӣ ёфта ва ба яке аз мамлакатҳои пешрафта мубаддал гардид.



Сарвари давлат ба нақши мондагору рисолати таърихии Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи сиёсӣ баҳои сазовор дода, аз ҷумла, таъкид намудаанд: «Фарҳанги сулҳ беҳтарин неъмат ва волотарин дастоварди миллати тоҷик мебошад, ки рисолати инсондӯстию фарҳангпарвариро дар тӯли асрҳо пуштибонӣ намудааст». Тинҷиву осоиштагӣ дар ҳама давру замон орзуи мардуми сулҳпарвару хирадгарои тоҷик буда, имрӯз боиси сарбаландӣ ва ифтихори мост, ки ба дунболи таҳкими сулҳу ваҳдат дар давлате зиндагӣ ва фаъолият менамоем, ки пояҳои он дар асоси дунявият ва демократия гузошта шуда, бунёди ҷомеаи мутамаддини ҳуқуқбунёду ягонаро мароми мақсади худ қарор додааст. Рушду пешрафти давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ба такомулу ташаккул ва таҳаввули соҳаи маориф, ки онро Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи афзалиятнок дар байни дигар соҳаҳои хоҷагии халқ эълон намудаанд, иртиботи зич дошта, маҳз тарбияи насли навраси созанда дар рӯҳияи ормонҳои миллӣ ва эҳсоси волои ватандӯстӣ ба рушду шукуфоии мамлакатамон мусоидат хоҳад кард. Дар соҳаи маориф ба шарофати таҳкими сулҳу ваҳдат дигаргуниҳои азиме ба амал омадаанд, ки густариши таҳсилоти босифат, ҳамгироии низоми ягонаи таҳсилот, таъмини эҳтиёҷоти ҷомеа ва шахсият баҳри дарёфти донишу ҳунар аз ин қабил дастовардҳо ба шумор мераванд. Барои ба сатҳи баланд расидани соҳа ва ба дараҷаи сифатан нав бардоштани сатҳи таълиму тарбия ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ ба соҳа зиёд мегардад ва дар ин замина, ислоҳоти низоми таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот раванди тозаву пурсамар касб мекунад. Ҳамзамон, барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ таълиф ва пешниҳод карда шуд, ки бо муҳтавои ғояи баланди худ созгор ба замони муосиранд. Бо кӯшишу талошҳои пайгиронаи Ҳукумати кишвар ва Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ стандартҳои давлатии таҳсилот, низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагону донишҷӯён таҳия гардида, таъсиси марказҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, марказҳои дарёфти рушди истеъдодҳо, инноватсионию технологӣ, илмӣ, озмоишгоҳҳо, вусъати ҳаракати олимпӣ, таҳким бахшидани низоми такмили ихтисос ва ҳадамоти методӣ таҳаввулоти ҷиддиро дар сатҳу сифати таҳсилот ва низоми маориф ба вуҷуд овард. Президенти кишвар ҳамасола ба шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ сафар карда, мустақиман дар расми ботантанаи ифтитоҳи муассисаҳои нави таълимӣ иштирок ва суханронӣ намуда, бузургу тақдирсоз будани пешаи омӯзгориро ба гунаи махсус таъкид менамоянд. Албатта, сатҳу сифати таҳсилот дар масири дигаргуниҳои ғайримунтазирае, ки дар ҷаҳони муосир рӯй медиҳанд, моро ҳанӯз қаноатманд намесозад. Аз ин рӯ, дар партави дастуру ҳидоятҳои Сарвари муаззами кишвар бояд ҷиҳати таъмини сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби насли наврас ва ҷавонон ба корҳои илмию таҳқиқотӣ ва озмоишию лабораторӣ, ҳамгироии илм бо истеҳсолот ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат, эҳтирому арҷгузорӣ ба муқаддасоти кишвар ва арзишҳои волои миллӣ, инчунин, тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи худшиносӣ ва эҳёи андешаи бунёдии миллӣ кӯшиш ба харҷ диҳем.

Ваҳдати миллӣ ва сулҳу осоиштагӣ таҳкимбахши соҳибистиқлолии кишвар буда, барои миллати сарфарозу барумманди тоҷик ифтихору саодати абад аст. Аз ин лиҳоз, насли наврас ва ҷавононро зарур аст, ки дар ҳифзи амнияти кишвар, ваҳдати миллӣ ва сулҳу осоиштагӣ ҳамеша омода бошанду хушёрию зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва дар роҳи рушду тараққии кишвари азизамон бо донишу илм ва ҷаҳонбинию тафаккури пешрафтаи худ саҳми босазо гузоранд.

Тамоми ҳамватанон, устодону омӯзгорон, шогирдону донишҷӯён, падару модарони азизро ба муносибати ҷашни бузурги таърихӣ – 25-умин солгарди Ваҳдати миллӣ шодбош гуфта, ба онҳо дар фаъолияти созандаашон пирӯзиву пешравиҳо таманно дорам.

**Ҷашни Ваҳдати миллӣ муборак!**

Дар шаҳри Бохтар таҳти унвони «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» конференсияи байналмилалӣ баргузор гашт.

ҲАМКОРӢ

# Вохӯрии Раҳим Саидзода бо Эмре Заки Карагёл

23-юми июни соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо сафири Ҷумҳурии Туркия дар Тоҷикистон Эмре Заки Карагёл баргузор гардид.



Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо доир ба ҳамкориҳои ҷойдошта ибрози андеша намуда, ҷиҳати рушду тавсеаи он таклифу пешниҳодоти худро манзур доштанд.

Зикр гардид, ки Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия дар соҳаи маориф ва илм дар асоси «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф» аз 6 майи соли 1996 ба роҳ монда шудааст. Дар асоси Созишномаи мазкур Ҷумҳурии Туркия ҳамасола барои таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи барномаи «Turkish Schoalarship» теъдоди муайяни бурсияҳои таҳсилӣ ҷудо менамояд. Ғайр аз ин, дар асоси Созишномаи мазкур байни Тоҷикистону Туркия Комиссияи дуҷониба оид ба маориф ва илм таъсис ёфтааст, ки ҳайати он дар ҳолатҳои зарурӣ метавонанд ҷаласаҳои худро ба таври маҷозӣ ё ҳузурӣ баргузор намоянд.

Инчунин, ҷонибҳо доир ба фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравӣ ҷиҳати баррасиву мувофиқанамоии лоиҳаҳои Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бунёди маорифи Туркия ва Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ ибрози андеша намуданд.

Дар охир ҷонибҳо аз ҳамкориҳои ҷойдошта изҳори қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон таъкид доштанд, ки ҷиҳати рушду тавсеаи он тамоми тадбирҳои судманд андешида мешавад.

# Қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

23-юми июни соли ҷорӣ дар Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи бурсияҳои ҷудогардида имтиҳоноти қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриҳои Беларус ва Қазоқистон доир гардид, ки дар рафти имтиҳонот муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ Матлубахон Сатториён, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхолиқзода, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президент, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази барномаҳои байналмилалӣ, аъзои комиссияҳои назоратию экспертӣ иштирок намуданд.



Қабл аз оғози имтиҳонот раиси Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ, муовини Сарвазири мамлакат М.Сатториён ва вазири маориф ва илм Р.Саидзода бо довталабон суҳбати самимӣ анҷом дода, ҷиҳати муваффақ гардидан дар имтиҳон ва сазовор шудан ба номи донишҷӯи барору комёбӣ таманно намуданд.

Сипас, нимаи якуми рӯз довталабон вобаста ба ихтисосҳои интихобнамуда аз рӯйи кластерҳо имтиҳони тестӣ супориданд. Бо мақсади таъмин намудани шаффофият саволномаҳои тестӣ аз ҷониби Маркази миллии тестӣ таҳия гардида, дар ҳузури иштирокдорон лифофаҳо кушода ва саволномаҳо тақсим карда шуданд.

Баъд аз нимаи дуюми рӯз бо иштироки аъзои комиссия суҳбат баргузор гардид. Зимни суҳбат бо довталабон аъзои комиссия бештар ба донишҳои ихтисосию сатҳи забондонӣ таваҷҷуҳ намуданд.

Ёдовар мешавем, ки барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Қазоқистон 50 бурсия ва барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Беларус 8 бурсия дар зинаҳои бакалавр, мутахассис, магистратура ва аспирантура ҷудо гардидааст.

# Табодули афкори намояндагони платформаи «Сириус» ва вазирон

20-уми июни соли ҷорӣ ҷаласаи онлайнии намояндагони платформаи “Сириус” ва вазирону муовинони вазирони маориф ва илм баргузор гардид, ки дар он раиси Шӯрои платформаи «Сириус» Елена Шмелёва, вазири маорифи Федератсияи Россия Сергей Кравтсов, вазири маорифи Ҷумҳурии Беларус Андрей Иванетс, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷӯразода, вазири таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Агриппина Шин, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон Надира Ҷусупбекова, вазири маориф ва сиёсати забони Ҷумҳурии Абхазия Инал Габлия ва вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Осетияи Ҷанубӣ Натали Гассиевна суханронӣ намуданд.



Дар ҷаласа як қатор масъалаҳои марбут ба соҳаи маориф ва илм мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, иштирокдорон вобаста ба системаи инкишоф ва ҳамкории байналхалқии истеъдодҳо, фаъолияти маркази “Алматы дарыны”: натиҷаҳо, нақшаҳои рушд ва кор бо истеъдодҳо, низоми кор бо хонандагони болаёқат, тарбия ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон, низоми таълим дар соҳаи инноватсия ва IT, ҳамкорӣ дар самти тайёр кардани кадрҳо, вусъат додани ҳамкорӣ миёни Вазорати маорифи Россия ва вазоратҳои маорифи ДНР ва ЛНР, инкишофи неруи эҷодии ҷавонон ва чанде дигар фикру андешаҳои худро иброз доштанд.



Ҷамшед Ҷӯразода- муовини якуми вазири маориф ва илм дар навбати худ вобаста ба дастовардҳо дар самти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ суханронӣ намуда, қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ 24 намуди олимпиадаи фаннӣ, аз ҷумла, 13 олимпиада аз фанҳои ҷамъиятӣ - гуманитарӣ (барои хонандагони синфи 11 аз фанҳои ҳуқуқ ба номи Куруши Кабир, таърих ба номи Бобоҷон Ғафуров, забон ва адабиёти тоҷик ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, забони русӣ ба номи Александр Пушкин, забони англисӣ ба номи Уилиям Шекспир, забони давлатӣ, адабиёти рус, барои наврасони синфҳои 5-6 ва 7-8, олимпиадаҳои даставӣ барои хонандагони синфҳои 9-10-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, барои хонандагони синфҳои 7-10-и мактабҳои Президентӣ, гимназияи ҷумҳуриявӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат, олимпиадаҳои «Spelling Bee» (луғатдонӣ ва талаффузи дурусти ҳарф ва овоз аз фанни забони англисӣ дар синфҳои 5-7) ва Олимпиада оид ба шоҳмот байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баргузор мегардад, ки барои фарогирии шумораи ҳарчи бештари хонандагони боистеъдод дар ҳаракати олимпӣ аз фанҳои таълимӣ мусоидат менамоянд.

Дар охир мубодилаи афкор сурат гирифта, аз ҷониби иштирокдорон як қатор таклифу пешниҳодҳо ироа гардид.

**Дар шаҳри Гулистон таҳти унвони «Эмомалӣ Раҳмон – меъмори давлати миллии тоҷикон» конференсия доир шуд.**

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

# ФАРОНСА:

## Иштироки вазири маориф ва илм дар муколамаи вазирони кишварҳои Шарикии глобалӣ оид ба маориф

28-уми июни соли ҷорӣ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар доираи иштироки Саммити муқаддамоти бознигарии низоми маорифи кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Парижи Ҷумҳурии Фаронса дар бахши муколамаи вазирони кишварҳои узви Шарикии глобалии маориф (GPE) ширкат варзида, оид ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи аснод барои ба даст овардани лоиҳаи сармоягузорӣ суханронӣ намуд.

Зимнан қайд гардид, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳияи созишномаи шарикии КОМПАКТ дар моҳи январи соли 2021 оғоз кард ва як гурӯҳи кории техникӣ таъсис дод, ки дар он бо Гурӯҳи ҳамоҳангсозии шарикони рушд (LEG) ва намояндагони Шарикии глобалӣ ҳамкории зич ба роҳ монд. Мавсуф изҳор дошт, ки зимни таҳияи ҳуҷҷат ба вазифаҳои муайянкардаи Стратегияи рушди маориф то соли 2030, ба монанди таҳсилоти салоҳиятнок, беҳтар намудани сифат ва натиҷаҳои таълим, таъмини таълим дар давоми ҳаёт барои ҳамаи кӯдакон бо назардошти ҷанбаҳои гендерӣ диққати аввалиндараҷа зоҳир карда шуд.

Ба андешаи вазир, шарти асосии муваффақ шудани Тоҷикистон дар чараёни таҳияи бастаи ҳуҷҷатҳо риояи коршиносон ба тамоми талабот ва интизориҳои Шарикии глобалии маориф ҷиҳати таҳияи дархост барои дастгирии ислоҳоти низоми маориф ба шумор меравад.




Ба сифати тавсия ба дигар давлатҳо, истифодабарии модели нави амалиётии Шарикии глобалии маориф то соли 2025, ки механизмҳо ва абзорҳои худро дар банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи афзалиятҳо, муайян шуда буданд, мутобиқ ва корбарӣ намоянд.

Ҳамчунин, дар раванди таҳияи ҳуҷҷатҳо барои муколамаи фарогири соҳаи маориф тавсия дода шуд, ки шароитҳо зарурро барои гурӯҳҳои маорифи маҳаллӣ фароҳам оранд ва имкони иштирок ва ҷалби ҳамаи шарикон дар ин раванд ба инобат гирифта шавад.

Дар муколама вазирони маорифи дигар кишварҳои ҳузурдошта, низ суханронӣ намуданд.

Дар охир аз ҷониби ширкаткунандагон мурочиатнома ба Созмони Милали Муттаҳид қабул карда шуд.

# Озмуни «Дурахшандагон»

24-юми июни соли ҷорӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои ба даст овардани стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - “Дурахшандагон” озмун баргузор гардид, ки дар рафти он муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ Матлубахон Сатториён муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхоликзода, директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабзалӣ Ҷаъфарзода, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президент ва Маркази барномаҳои байналмилалӣ иштирок намуданд.



Нахуст, раиси Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба интихоб ва тайёр намудани кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмии давлатҳои хориҷӣ, муовини Сарвазири кишвар М.Сатториён ва муовини вазири маориф ва илм Л.Абдулхоликзода бо довталабон суҳбати самимӣ анҷом дода, ҷиҳати муваффақ гардидан дар озмун ва сазовор шудан ба стипендияи Президенти кишвар комёбиҳо орзу намуданд.

Тибқи иттилои масъулини Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар умум, 272 нафар довталаб аз 26 шаҳру ноҳияи кишвар ҳуҷҷат супоридааст.

# Ҷаласаи назоратии назди вазир

***24-уми июни соли ҷорӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати муовини вазири маориф ва илм Зиёдулло Абдулзода ҷаласаи назоратии назди вазири маориф ва илм баргузор гардид, ки дар он муовини вазир Ш.Хайрзода, сардорони раёсату шуъбаи дастгоҳи марказии вазорат, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон З.Нозакзода, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, сардорони раёсатҳои маорифи вилоятҳои Суғду Хатлон ва як қатор мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, намояндагони марказҳои таҳсилоти иловагӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иштирок намуданд.***

Дар ҷаласа, гузориши М.Саломиён-президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон “Оид ба вазъи таълим ва омодасозии омӯзгорони ояндаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”, гузориши Н.Зайниддинзода-директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ “Оид ба вазъи пардохти маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ дар раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои харидории китобҳои бадеӣ ва маводи таълимӣ аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳал дар соли 2021”, гузориши А.Гулзода-директори Маркази ҷумҳуриявии технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия “Оид ба рафти амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №43 «Дар бораи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон”, гузориши Ҷ.Намоззода-ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф “Оид ба татбиқи Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф”, гузориши Ф.Расулзода-сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус “Оид ба ҳолати гузаронидани аттестатсияи омӯзгорон дар сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ”, гузориши У.Сафарзода-директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ “Оид ба вазъи таълиму тарбия, таъминоти кадрӣ, иҷрои барномаҳои давлатӣ ва фаъолияти маҳфилҳо дар марказҳои таҳсилоти иловагии шаҳрҳои Ҳисор, Роғун ва ноҳияҳои Файзободу Шаҳринав” ва гузориши Б.Музаффарзода-сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм “Оид ба баррасии пешниҳод ба меъёрҳои маблағгузории ғизои мактабӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва индексатсияи онҳо дар доираи меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ” шунида шуд.



Зимни баррасии масъалаҳо раиси ҷаласа ба масъулин вобаста ба дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва омода намудани мутахассисони варзида дар самтҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, пардохти саривақтии маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ ва то ҷудо намудани маблағ барои харидории китобҳои бадеӣ ва маводи таълимӣ аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳал, татбиқи пурра ва саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09.2017, №43 «Дар бораи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, татбиқи Нақшаи миёнамуҳлати амал, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он, шаффоф ва сари вақт баргузор намудани аттестатсияҳо дар муассисаҳои таълимӣ, дуруст ба роҳ мондани кори маҳфилҳо ва фарогирии бештари хонандагон дар марказҳои таҳсилоти иловагӣ, аз худ намудани маблағҳои пешбинишуда барои ғизои мактабӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва чанде дигар дастуру супоришҳои мушаххас дод.

**Ду шабакаи телевизиони навтаъсиси давлатӣ «Илм ва табиат» ва «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба пахши моҳворавӣ пайваст мешаванд.**

ҲАМОИШ

# Таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар вазорат

***24–уми июни соли ҷорӣ дар маҷлисгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовинони вазири маориф ва илм Л.Абдулхоликзода, З.Абдулзода, Ш.Хайрзода, сардорони раёсат, шуъба, бахш ва кормандони дастгоҳи марказии вазорат иштирок намуданд.***

Нахуст, вазири маориф ва илм Р. Саидзода зимни сухани табрикотии худ аз таърих ва дастовардҳои истиқлолу Ваҳдати миллӣ ёдовар шуда, зикр кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати пешгирифтаашон соҳаи маорифро пайваста дар мадди аввал қарор додаанд. Мактабу маориф, омӯзгору хонанда ҳамеша зери таваҷҷуҳу ғамхориҳо ва ҳидояту роҳнамоиҳои Роҳбари олии кишвар



қарор доранд. Ислоҳоти соҳаи маориф ва раванди таҷдидгароӣ дар ин ҷода ба сиёсати маорифпарваронаи Президенти кишвар сахт алоқмандӣ дорад. Чунин назари некбинона боиси он шудааст, ки фазои таҳсилот дар кишвар ба нафъи ҷомеа равона гардад ва самараи дилхоҳ ба бор орад. Таъсис додани квотаҳои президентӣ, ҷорӣ гардидани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон, роҳандозӣ гардидани як қатор ҷоизаҳо барои омӯзгорону олимон аз зумраи иқдомҳоеанд, ки маҳз бо шарофати соҳибистиқлолию Ваҳдати миллӣ рӯйи кор омадаанд.

Сипас, муовини вазири маориф ва илм Ш. Хайрзода дар мавзуи “Ваҳдати –миллӣ омили бунёдии рушди иқтисоди миллӣ” баромад намуд. Мавсуф, аз ҷумла, зикр кард, ки бо ташаббус ва ҳидояти Сарвари давлати Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 25 сол муқаддам 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки кафили пойдории сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон гардид. Ҳамзамон, пас аз ба даст даровардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноил гардидан ба Ваҳдати миллӣ бо дастури бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок аҳамияти махсус дода, маблағгузорӣ ба ин соҳаи муҳим сол аз сол афзоиш ёфта истодааст.

Агар соли 2000 ба соҳаи маориф 37 миллиону 425 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад, ин нишондиҳанда соли 2022 ба 6 миллиарду 304 миллиону 25 ҳазор сомонӣ расид. Яъне, нишондиҳандаи маблағгузории соҳаи маориф соли 2022 нисбат ба ММД 6 фоиз ва нисбат ба хароҷоти буҷети 18,6 фоизро ташкил медиҳад. Яке аз ислоҳоти самарабахш дар ин самт, ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ (меъёрӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Вобаста ба маблағгузории сарикасӣ мустақилияти молиявии мактабҳо бештар гардида, иштироки ҷомеа дар идоракунии мактаб таъмин гардид. Акнун мактаб мустақилона самти афзалиятноки истифодаи маблағҳоро муайян намуда, имкон пайдо мекунад, ки онҳоро самаранок истифода барад.

Дар охир бори дигар вазири маориф ва илм тамоми иштирокдорони ҳамоишро ба ин санаи таърихӣ табрику таҳният гуфт.

СОЗАНДАГӢ

# Эҳёи фаъолияти кӯдакистон

25-уми июни соли 2022 дар шаҳри Норак дар арафаи Ҷашни Ваҳдати миллӣ муассисаи томактабии рақами 9, ки солиёни дароз аз фаъолият бозмонда буд, бо дастгирии шахсони саховатпеша таъмир карда шуда, дубора ба кор шуруъ намуд. Акнун дар муассиса ду гурӯҳ бо фарогирии 50 нафар тарбиятгиранда фаъолият мекунад. Дар арафаи ҷашни муҳими милливу давлатӣ, ин иқдом беҳтарин туҳфа барои кӯдакон мебошад. Ёдовар бояд гардид, ки дубора барқарор намудани муассисаҳои таълимии томактабӣ ва бунёди муассисаҳои наву замонавӣ дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат ба роҳ монда шуда, дар муҳайёсозии шароити мусоиди таълиму тарбияи насли наврас мусоидат мекунад. Дар дигар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон низ сохтмону барқарорсозии муассисаҳои таълимии томактабӣ дар сатҳи баланд идома дорад.

# Рамзи хушбахтӣ

***Дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар таҳкими ваҳдати миллӣ» баргузор гардид.***

Конференсияро муовини аввали ректори донишкада Шермуҳаммад Ёрмуҳаммадзода ифтитоҳ намуда, аз ҷумла, зикр намуд, ки ваҳдати миллӣ падидаи созандаи сиёсӣ буда, дар рушду пешрафти ҷомеа нақши таърихии мондагор дорад. Дар масъалаи расидан ба сулҳи сартосарӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ саҳми Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург мебошад. Сипас, ходими пешбари илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шоир ва адабиётшинос Алии Муҳаммадии Хуросонӣ дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ ва сиёсати фарҳангии замони истиқлол» сухан ронда, иброз дошт, ки ваҳдати миллӣ ба рушду тараққӣ ва такомулу таҳаввули соҳаи илм ва фарҳанги кишвар мусоидат карда, бо барқарор шудани сулҳу якпорчагии ҷумҳурӣ дар ин соҳаҳо корҳои зиёде анҷом дода шуд. Бунёди иншооти бешумори фарҳангӣ, таҷлил ва баргузории ҷашнҳои зиёд доир ба бузургдошти бузургони гузаштаи илму адаби тоҷик, таҳия ва нашри осори классикони адабиёти форсу тоҷик ва амсоли инҳо аз амалҳои названаррасе маҳсуб меёбанд, ки дар партави ваҳдат анҷом дода шуданд. «Адибон – ситоишгарони ваҳдати миллӣ» - чунин унвон дошт мавзуи суханронии узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ Абдурауф Муродӣ. Адиби шинохта вобаста ба масъалаи сулҳу ваҳдат аз эҷодиёти шоирони классикии адабиёти форсу тоҷик ва муосир мисолҳои зиёде оварда, дар саргаҳи вассофони муттаҳидию якдилии мардум Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакиро гузошт. Перомуни сар задани ҷанги дохилӣ ва таҳдиди хатари аз байн рафтани кишвар дар солҳои 90 ҳарф зада, адиб аз шоироне ёд овард, ки дар эҷодиёти худ тарғибу ситоиши сулҳу ваҳдатро дар мадди аввал гузошта буданд. Шоирон Ашӯр Сафар, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Бозор Собир, Камол Насрулло, Низом Қосим, Аскар Ҳаким ва ғайра мавзуи якпорчагию ваҳдати мардуми кишвар ва сулҳу озодиро дар меҳвари эҷодиёти худ қарор дода буданд.

Номбурда пешниҳод кард, ки дар оянда дар муассисаҳои таълимӣ дар моҳи май дарси тарбиявӣ дар мавзуи «Нақши ваҳдати миллӣ дар пешрафту шукуфоии кишвар» ба гунаи ҳатмӣ гузаронида шавад.

Муовини раиси ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Ҷӯрабек Муродов дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ рамзи хушбахтист», сухан ронда, аз ҷумла, таъкид кард, ки маҳз бо талошҳои созандаи Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳ барқарор ва ваҳдати миллӣ ба даст омад. Сулҳу ваҳдат ва оромию тинҷӣ заминае фароҳам оварданд, ки Тоҷикистон ба сифати давлати мустақил дар ақсои олам шинохта шавад. Узви Шӯрои куҳансолони Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Алиҷон Шоназаров дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ – омили муҳими субот ва рушди ҷомеа» сухан ронда, қайд кард, ки миллати тоҷик баъд аз ба даст овардани истиқлолият рӯзҳои вазнинро аз сар гузаронидааст ва имрӯз мебояд ба қадри сулҳу амонӣ ва муттаҳидию озодӣ расиду шукронаи даврон намуд.

Пас аз анҷоми қисмати аввал конференсия дар ду бахш корашро идома бахшид.

# Саодати халқ

Дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ бо иқдоми шуъбаи фанҳои ҷомеашиносӣ, сиёсат ва стратегияи рушди маорифи муассисаи мазкур конференсияи илмию амалӣ ба муносибати 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ – саодати халқ» баргузор гардид. Дар оғоз президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Муҳаммаддовуд Саломиён ва директори ПРМ ба номи Абдураҳмон Ҷомии АТТ Лутфия Иматзода дар бораи хидматҳои таърихии Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боби хомӯш намудани оташи ҷанги дохилӣ ва ба тасвиб расондани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, инчунин, раванди созандагию бунёдкориҳо ва рушду пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ҳарф заданд. Сипас, мутахассиси пешбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон, раиси Шӯрои олимони ҷавон Фирӯз Равшаналиев дар мавзуи «Аҳамияти Ваҳдати миллӣ дар шароити замони муосир» сухан ронда, зимнан, зикр намуд, ки рисолати таърихии ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи сиёсӣ ҳанӯз ба анҷом нарасидааст. Бахусус, дар шароити феълӣ, ки ҷаҳон ба гирдоби кашмакашҳои мураккабу хатарнок мувоҷеҳ гардидааст, ҳифзи амнияти миллӣ ва ваҳдату сулҳ беш аз ҳарвақта дида, дар мадди аввал қарор мегирад. Душманони хориҷии кишвар бо ҳар роҳу восита мехоҳанд, низоми мавҷудаи давлатдории моро, ки бар пояи дунявияту демократикунонии ҷомеа асос ёфтааст, зери танқиду мазаммат қарор диҳанд. Мудири шуъбаи таҳсилоти



ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ АТТ, номзади илми педагогика Дастам Маҳкамов атрофи масоили ваҳдати миллӣ ва андешаи миллӣ мулоҳизаҳои худро баён намуда, афзуд, ки ваҳдати миллиро бе мавҷудияти андешаи миллӣ тасаввур наметавон кард. Ваҳдат дар сурате бегазанду абадӣ мемонад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар манфиати милливу давлатиро аз ҳама манфиатҳои дигар боло гузорад. «Ваҳдати миллӣ – пирӯзии фарҳанги сулҳ ва ақлу заковати солими миллат аст», - чунин унвон дошт маърӯзаи муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Парвина Лутфуллоева. Мавсуф зимни суханронии худ, аз ҷумла, таъкид намуд, ки дар ҷаҳони имрӯза давлатҳои алоҳида бо як иштибоҳи хурди сиёсӣ сулҳу ваҳдат ва таъмини амниятро дар дохили кишварашон аз даст медиҳанд ва ба майдони ҷангу бархурди манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ табдил меёбанд. Омилҳои сиёсии мазкур ҳушдор медиҳанд, ки роҳу усулҳои ҳифз ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллиро дар кишвар ҷовидонӣ нигоҳ дошт. Аз ин рӯ, бояд дар ёд дошт, ки воқеан ҳам, ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулҳу амонӣ ва дӯстӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз ба рӯз такомулу таҳаввул ёфта, ба давлати тараққикардаю пешқадам табдил меёбад.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

Иқтидори сайёҳии Тоҷикистон дар «Seoul International Travel Fair 2022» муаррифӣ шуд.

*Одамро барои забон баровардан ду сол даркор асту барои забонро нигаҳ доштан шаст сол!*
*Лион Фейхтвангер*



БА ОЗМУНИ «ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ҲОМӢ, АРҶГУЗОР ВА ТАРҒИБГАРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

# Забони модарии мо тавоност

***Шоири халқии Тоҷикистон Назри Яздон дар китоби худ "Ормонҳои Ориёӣ" навиштааст: "Имондорона бояд қоил шуд ва эътироф кард, ки бузургмарде бо исму насаби Эмомалӣ Раҳмон ин ватан, ин миллат, ин халқ ва ин забонро бо фарҳанги тамаддунсозаш дӯст медорад, аз дилу ҷон ба ҳамааш муҳаббати сӯзон дорад. Сарваре, ки нияташ одилона, суханаш орифона, амалаш ориёна аст, фарзанди Тоҷикистони азиз Эмомалӣ Раҳмон аст, ки сухани нобу обдор, сухани ширадору шифокори тоҷикиро аз минбарҳои расмии муътабари умумидунявӣ барои ҷаҳониён тақдим медорад".***

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудан бо як ҷасорати тоҷикона тамоми масъалаҳои роҳбарии мамлакатро ба уҳда гирифта, барои эҳёи истиқлолияти барҳамхӯрдаистода камар бастанд.

Таъсири каломи равшану қавли мустаҳкам, ҷӯшиши бедории зеҳнӣ, шинохти таърих, арҷ гузоштан ба хизмати покизамардони Ватан, хислатҳои бахшандагиву меҳрубонӣ, эътибор ба созандагӣ, сарсабзӣ ва ободонии кишвар буд, ки мардумро чун оҳанрабо ба худ ҷалб намуд. Дӯст доштани хору хаси ватан, расонидани муждаи зиндагонии шоиста ба ҳар як сокини мамлакат эшонро ба унвони баланди Пешвои миллат мушарраф гардонд.

Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси донишмандони тоҷикро, ки соли 1989 барои ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ ва мушарраф шудан ба ин матлаби муқаддас рӯи кор омада буд, идома дода, моҳияти масъаларо дар он диданд, ки забон унсури асосӣ ва нишондиҳандаи фарҳангу тамаддуни миллат буда, дар рушди давлатдории миллӣ нақши асосӣ мебозад. Дар китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих" Эмомалӣ Раҳмон навиштаанд, ки шоҳаншоҳии бузурги Ҳахоманишиён, ки дар арсаи таърих бо фарҳанг ва тамаддуни худ беназир аст, пеш аз ҳама, бар пояи фарҳанги асили ориёӣ бунёд шуда, забони модарии хешро дар баробари забонҳои пурқудрату маъмули он замон идома ва ба ҳайси забони расмӣ – давлатӣ истифода мекард.

Таҳкими анъанаҳои бузургдошти забон шаҳодат медиҳанд ва минбарҳо шоҳиданд, ки Сарвари мамлакат дар куҷое чӣ ваъдае дода бошанд, кадом нақшае пешбинӣ шуда бошад, дар муҳлати нишондодашуда ба иҷро расидааст. Барои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳонӣ узви як сайёра буда, сухани ҷовидонаи Шайх Саъдӣ "бани одам аъзои якдигаранд" шиори писандида мебошад.

Забони тоҷикӣ бо лаҳни Сарвари кишвар аз минбари Созмони Милали Муттаҳид, аз ташкилоти бонуфузи дунё ЮНЕСКО, аз минбари давлатҳои мутараққӣ садо дод, дар гӯши ҷаҳониён ин забони аҳли биҳишт, забони сулҳу амонӣ, забони меҳру шафқат, забони илму маърифат басо форам расид, меҳри олимони забоншинос, сиёсатмадорони бомаърифат, аҳли зиёро афзуд ва боиси ба Тоҷикистон равона гаштани нигоҳҳои гарму самимӣ гашт.

Агар нутқи оташбори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин минбарҳо бо эҳтироми бузург нисбат ба забони модарӣ ифода намеёфт, он таъсирпазир намегашт. Яке аз сабабҳои ба оламиён ба зудӣ



муаррифӣ шудани Тоҷикистони соҳибистиқлол ба сиёсатшиноси номвар будани Эмомалӣ Раҳмон вобаста бошад, самти дигари он зебоӣ, ширинӣ, тозагӣ ва ғанӣ будани фонди луғавии ин забони ноб маҳсуб меёбад.

Дар арсаи байналхалқӣ нишон додани мақоми забони тоҷикӣ агар як хизмати бузург бошад, саҳми арзандаи дигари Сардори миллат дар он ифода меёбад, ки дар байни халқи тоҷик чӣ қадар ҷунбишҳои маърифатии эҳёи забони ноби тоҷикиро ба амал овардаанд.

Дӯст доштани Ватан аз эҳтиром ба забон оғоз меёбад. Сарвари муаззами мамлакат забони модариро ганҷи бебаҳо ва боигарии беҳамто ҳисобида, пайваста таъкид медоранд, ки ин забони ноби аҳли биҳиштро покиза нигоҳ дорем, омӯзем ва бо он ба ҳамдигар, ба меҳмонон чунон гуфтугузор намоем, ки ширинии он бештар намоён гардад.

Хизмати бузурги Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар байни халқ на танҳо омӯзиши забони модарӣ вусъати тоза ёфт, балки суханварӣ ҳамчун як рукни забондонӣ мақоми арзишманди худро ишғол намуд. Бо халқ наздик будани роҳбарияти олию маҳаллӣ аз муошири байни ин табақаҳо ба хубӣ дида мешавад.

Хурсандиовар аст, ки дар мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳия ва ҷамоатҳо рӯзҳои қабули меҳнаткашон ба таври бояду шояд амал мекунад. Дар ин маросими пурмасъулият шунида тавонистани арзи мардум дар мақоми аввал гузошта шудааст. Яке аз талаботҳои таъйин кардан ба вазифаи роҳбарии ин мақомот донистани забони модарӣ аст.

Модом ки роҳбар забони модариро беҳтару хубтар медонад, дар воҳӯриҳо бо мардум метавонад доди даъвогаронро ба хубӣ таҳлил намояд ва ба ҳалли муаммоҳои рӯзгори мардум нафъ расонад.

Ҳангоми сафарҳои корӣ дар корхонаҳо, сохтмонҳо, дар муассисаҳои таълимӣ, дар корҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва дигар соҳаҳо Президенти маҳбуби мо бо ҳавсалаи тамом суҳбат мекунанд, андешаи мардумро ба пуррагӣ мешунаванд. Дар корхонаҳо бо коргарон мусоҳиб шудани Сарвари кишвар аҳамияти калони амалӣ дорад, ки онҳо аз рафти корҳояшон ба Президенти мамлакат маълумот медиҳанду маслиҳатҳои он касро гирифта, барои беҳбудии фаъолияташон истифода мебаранд.

Дар машваратҳои калони вилояту шаҳру навоҳӣ мардум имкон доранд, ки аз минбари озод суханронӣ кунанд, баҳри беҳбудию ободии кишвар таклифҳо пешниҳод намоянд. Дар муассисаҳои таълимӣ ва кӯдакистонҳо бачагон Пешвои миллатро бо шеърхонӣ истиқбол мегиранд, суруд мехонанд, аз рафти таҳсилашон ҳисобот медиҳанд. Ҳамаи ин имконият ба ифодаи фикр аст, ки он бо забони адабии тозаю суфта баён мегардад.

Мо аз ҳар амалу рафтору гуфтори Сарвари кишвар равшан дарк менамоем, ки ба мақоми забон ҳамчун муқаддасоти миллат арҷ мегузоранд ва барои равнақу ривоҷи минбаъдаи он ғамхорӣ мекунанд.

*Розиқҷон МУТАЛЛИБОВ,*
*устоди коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

ВАЗОРАТ ВА НАЗОРАТ

# Баррасии масоили муҳим

***28.06.2022 ҷаласаи назди муовини якуми вазири маориф ва илм Ҷамшед Ҷӯразода баргузор гардид, ки дар он роҳбарони раёсату шуъбаҳо ва муассисаҳои тобеъ иштирок намуданд.***

Муовини директори Маркази ҷумҳуриявии технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ Бобоҷон Ғаюров вобаста ба мақсаду ҳадафҳо ва мушкилоту нигарониҳои иҷрои Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 сухан кард.

Директори нашриёти "Маориф" Комилҷон Исозода дар бораи мушкилоти адабиёти таълимӣ ва роҳҳои ҳалли он ҳарф зада, аз кам будани маоши кормандон, норасоии мутахассисон, таҷҳизоти технологӣ, китобхонаи мактабӣ, ба ин васила, сарчашмаи молиявӣ пайдо кардану ҷалби муаллифону тарроҳону коргарон



муҳаррирону муаллифон, тарроҳону кормандони дигари техникӣ изҳори нигаронӣ кард. Дастгирии чопи китобҳои бадеиро дар нашриёт ва таъсис додани Шӯрои бадеиро ба хотири интихоби асарҳо ва рушди амри зарурӣ ҳисобид.

Ноилшоҳ Нурализода, сармуҳаррири ҳафтаномаи "Омӯзгор" ва Шодӣ Шокирзода, сармуҳаррири маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" дар бораи мазмуну мухтавои мақолаҳо, баррасии масъалаҳои муҳимми соҳа дар саҳифаи нашрияҳо бароммад карданд. Дар зимн Ҷ.Ҷӯразода зикр кард, ки барои ҷалби бештари хонандагон ташкил кардани мизҳои мудаввар, конфронсу суҳбатҳо бо мутахассисон, шавқовар гардондани фазои мусоид ва ба вуҷуд овардани афкори ҷомеа талаби замон аст. Сармуҳаррири маҷаллаи "Маорифи Тоҷикистон" Саида Набизода дар робита ба ҳамкории маҷалла бо хонандагон чанд пешниҳодеро ироа кард.

Дар анҷом муовини якуми вазир барои таъмин ва таҳкими фаъолияти босифати кор ба роҳбарон дастуру супоришҳо дод.

*«Омӯзгор»*

БУНЁДКОРӢ

## Ашт: оғози бунёди 16 синфхонаи иловагӣ

Дар ноҳияи Ашт барои сохтмони 16 синфхонаи иловагӣ, ки бо фарогирии 156 метри мураббаъ барои 800 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст, хишти аввал гузошта шуд.

Дар маросими гузоштани хишти аввал дар 8 синфхонаи иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43 ба номи Тӯлқун Хоҷаназарови деҳаи Хӯҷамбердиев, Ҷамоати деҳоти Ошоба ва 8 синфхонаи иловагӣ дар МТМУ №52, Ҷамоати деҳоти Ориён, деҳаи Сарваки ноҳияи Ашт Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода ва раиси ноҳия Шуҳрат Муҳаммадзода иштирок намуданд.

Бо дастгирии соҳибкорони Ҷамоати деҳоти Ориён муассисаи ибтидоии МТМУ №6 ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ пурра аз таъмири хушсифат баровarда шуда, шароити таълим дар онҳо ба талаботи замон омода карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки бинои кӯҳнаи МТМУ №25 дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, бо таваҷҷуҳи Пешвои миллат дар деҳаи Дурдаст мактаби 4-ошёна, ки дорои таҳхона мебошад, бунёд гардид. Саҳни бино пурра сафолакпӯш гардида, оинабандии синфхонаҳо пурра хотима ёфтааст.

Дар шаҳри Душанбе Фестивал-намоиши «Таомҳои миллӣ» баргузор гардид.

АФКОР

# Тухми бадномӣ накорем

***Вақте дар вуҷуди инсон бадӣ ҷойгузин мешавад, бадкор қудрату тавон мегирад, кӯшиш менамояд, ки аз амали хурди разилона ба бадкориҳои фаҷеътаре панҷа дароз кунад, то ба ҳадде, ки баҳри ҷоҳу молу манол ба қудрати сиёсати вақт ҳамлаи нодурбинона кунад, дар байни аҳли ҷомеа иғво ангезад, ба осудагию оромии он такони хатарнок ворид созад, барои манфиати фардӣ даст ба кору рафтори ношоиста занаду ба мурод норасида, мағлубияташ фаро расад, ки далелу мисолҳое дар ин бора фаровонанд.***

Ҳамин тавр, бадном онҳоеанд, ки ба оила, ба наздикону дӯстон, ба раванди рости корҳо, ба моли мардуму ҷамъият, баъзан, аз нодонӣ, ба волидайн ва бадтару бадтар аз ҳама, ба Ватан ва сиёсати осудаю созандаи давлатдорӣ хиёнату ҷиноятҳое содир менамоянд, ки дар ниҳоди худ басо ангезаҳои нохушу номатлубе доранду ҳар писарро аз падар дур бидоранд, то ду қувва якҷо шудаву ҷаҳонгир нагарданд, зиддияту нифоқро аз байн набаранд.

Акнун, ки кишвари мо бо талошҳои чандинасра ва заҳмату ҷоннисориҳои фарзандони асил ва мардуми сарбаландаш ба соҳибистиқлолӣ расидаасту Ватани озоду обод дорем, мебояд ба қадри ин озодӣ бирасем ва ҷавонмардона аз халқу Ватану миллатамон пуштбонӣ намоем, парчами кишварамонро болои сарҳо ҳамеша парафшон бинем. Дар сӣ соли соҳибистиқлоли кишвар ва ваҳдати миллии халқамон, баробари дастовардҳои бесобиқа дидаем, ки дастаҳои мунокишакор, афроди ба аҷнабиён фурӯхташуда, ашхоси ҷоҳталаб, баъзан роҳгумзадагону ҷоплусони хоҷагони мунофиқ ба сари мардумамон чӣ сахтиҳо ва ба ватанамон чӣ хисороте овардаанд. Ин падидаи номатлуб баъзан имрӯз ҳам чеҳра менамояд. Боистӣ пайваста ба онҳое, ки барои мансабу ҷоҳ ва молу манол ба сулҳу салоҳ ва ягонагиву ваҳдати ватанамон хиёнатро раво медоранд, оштинопазир бошем, гумраҳон ва манфиатҷӯёнро маҳкум намоем ва ғ. Дар ин ҷода ҷавонон бояд зиракии фарҳангӣ, ҷомеашиносӣ ва сиёсии худро ҳамеша нигоҳ дошта, ба иғво ва таблиғоти афрод ва гурӯҳҳое, ки дар хориҷ аз кишвар истода ҷониби Ватани худ, халқи худ, миллати худ санг мезананд, дода нашаванд. Бешак, ин гуна афрод фурӯхташуда ва иҷрокунандаи «барномаҳо ва супоришҳо»-и хоҷагони хориҷии худанд. Ба ин маънӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ мегӯяд:

*Ҳар бад, ки ба худ намеписандӣ,*
*Бо кас макун, ай бародари ман.*
*Гар модари хеш дӯст дорӣ,*
*Дашном мадеҳ ба модари ман!*

Вазнинтарин ва нобахшидатарин хиёнат номуросо будани баъзе ҷоҳталабони кӯтоҳдасту пайравони кӯрдилашон мебошад, ки таърих номашонро дар авроқи худ ҳамчун рӯсиёҳу бадкорон забту сабт намудааст, ки ҳаргиз намешавад!

Душманони ватану миллат, новобаста ба аз мансубияти қавмию ирсию нажодиашон, новобаста аз макону мавқеи баромадашон, новобаста аз дину ойинашон ва ғайра мехоҳанд чунин рӯзҳоро дигарбора ба сари мо биёваранд. Оромию осудагӣ, ваҳдату истиқлоли миллӣ, сулҳу суботи бо душвориҳо бадастовардаи моро аз байн бурдан мехоҳанд, аммо муродашон ҳаргиз ҳосил нахоҳад шуд:

*Ҳар кӣ бадкорӣ кунад, ногаҳ ниҳад бар хок сар,*
*Ҳар кӣ бадаҳдӣ кунад, ногаҳ диҳад бар бод ҷон!*

Аз ин рӯ, аҳли ҷомеа, бахусус, ҷавонони моро заруру лозим аст, ки ҳушёронаву даррокона ҳуввияти миллии худро бештар аз пештар дарк намуда, ҳамеша бо чашму дили бедор дар ҳифзи Ватану халқу миллат бошанд, зеро меваҳои ширини баъди турктозиҳои қарнҳо, бо душвориҳою кӯшишҳои зиёд, ба соҳибистиқлолӣ ва озодӣ расонидаамонро содиқона муҳофизат карда тавонанд.

шахсро ба сӯйи бадномӣ ва беобрӯйӣ мебаранд, обрӯяшро дар оила, дар корхона, дар байни ҷомеа ва дар ҳама ҷо ба хоки сиёҳ яксон менамоянд. Барои сиёҳ кардани ному тарафи зодбуму кишвари худ ва ба ин васила ақлҳоро дуздидану ба сӯйи нокуҷоҳо бурдани мардуми авом ва ҷавонони бетаҷриба ҳосили тухми бадномӣ коштан аз ҷониби саркардаҳои дохилию хориҷие мебошад, ки солиёни дарозе, пинҳону ошкор, зархаридони хуношомашон таҳти парчами ислом амалкарде нишон медиҳанд, ки ҳаргиз пазируфтанӣ нестанд.

Ба ин маънӣ, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз таърихи 26 декабри соли 2019 бамаврид омадааст, ки «…сиёсатмадорону сиёсатшиносон, фарҳангиён ва зиёиёни моро зарур аст, ки дар самти фаҳмондадиҳии моҳияти равандҳои муосир, мубориза бо хурофоту иртиҷоъпарастӣ ва тақлид ба расму ойинҳои бегона миёни ҷомеа корҳои таблиғотиро тақвият бахшида, рисолати сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии худро дар назди халқу Ватан содиқона иҷро намоянд».

Бешак, дар замири ин гуфта амалкардҳои номатлубу ношоистаи ашхосе ишора ва таъкид карда шудаанд, ки дар байни аҳли ҷомеа нифоқ меангезанду баробари фош гардидани аъмоли сиёҳашон шадидан маҳкум мешаванд. Аз ҷумла, ҳизбҳову ташкилотҳои экстремистиву террористии монанд ба Ташкилоти экстремистию террористии Ҳизби наҳзати исломӣ (ҲНИ), Паймони миллӣ (ПМ), Гурӯҳи 24, ДИИШ, Ҳизбу таҳрир, Салафия ва монанди инҳо созмонҳои бадному тахрибкореанд, ки ягон ҳаққу ҳуқуқи мавҷудияту фаъолиятеро набояд дошта бошанд!

Вақте мо ба саҳифаҳои адабиёту фарҳанги гузаштаамон назар меандозем, дар онҳо навиштаву ишораҳоеро дармеёбем, ки дар ҳамаи давру замонҳо реша доштани чунин амалу падидаҳои номатлуб аёну баён доштаву маҳкумашон кардаанд, то инсонҳоро ҳушдор диҳанд, ки аз чунин рафторҳои бад канораҷӯйӣ намоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми ҳамаи давру замонҳо, ки рӯзгори мо низ аз он истисно нест, дар майдони давлатдорӣ тухми нифоқ коштану хиёнат раво доштани зердастон ба шоҳу ҳокимони худ аст, новобаста аз он, ки ҳукмраво дар чӣ появу дар кадом мақом мебошад. Ба ин маънӣ, дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ба ҳодисаву воқеаҳое дучор меоем, ки хиёнату бадкориҳо сар задаанд, ки оқибаташон ҷуз бадномӣ набудааст. Ба ёд меорем хиёнатеро, ки солорони лашкари Суҳроб ба Суҳроб раво дидаанду оқибати он бо фоҷеае мудҳиш анҷомидааст. Яъне, бадхоҳону баттолон кӯшидаанд, ки

**Алии Муҳаммадии ХУРОСОНӢ,**
**адабиётшинос**

КОНФЕРЕНСИЯ

# Аҳамияти тарбиявии афкори ниёгон

Дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо ибтикори шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосир дар мавзуи «Арзишҳои маънавии ниёгон ва шароитҳои педагогии татбиқи онҳо дар раванди таълиму тарбияи насли наврас» конференсияи илмӣ – амалӣ баргузор гардид. Дар кори конференсия муовини аввали вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Ҷамшед Ҷӯразода ва кормандони идораю зерсохторҳои вазорат иштирок доштанд. Дар сухани муқаддимавии худ президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор Муҳаммаддовуд Саломиён қайд намуд, ки осори ниёгони мо моломоли андешаю ғояҳои баланди ахлоқӣ буда, дар тарбияи гуманистӣ, эҳсоси волои ватанпарварӣ, ростқавлӣ, ормонҳои миллию ҳувиятхоҳӣ ва амсоли инҳо нақши бузург мебозанд. Муовини аввали вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Ҷ.Ҷӯразода зикр намуд, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як суханронии худ таъкид менамоянд, ки насли наврас бояд ба гунаи ҳатмӣ мероси адабию илмӣ ва фарҳангии гузаштагонамонро омӯзанду аз худ кунанд. Ҳанӯз 5-6 ҳазор сол қабл донишманди ҳаким Зардушт бо асари бунёдии худ «Авесто» таҳкурсии тамоми адабиёти тоҷику форсро гузошта буд. Фарҳангу тамаддун, осори илмию адабӣ ва фалсафии Аврупо низ аз адабиёти боғановати баландғояи гузаштаи тоҷик маншаъ мегирад. Ва имрӯз дар замони ҷаҳонишавӣ, ки паҳлуҳои манфию зиёнборе низ дорад, масоили тарбияи ахлоқӣ мавқеи муҳим ва ҳалкунанда пайдо мекунад. Доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири АТТ Файз Гулмадов маърӯзаи худро ба мавзуи «Мавқеи анъанаҳои халқӣ дар тарбияи арзишҳои маънавӣ – ахлоқии насли наврас» бахшида, аз ҷумла, изҳор намуд, ки урфу одат, анъанаҳои нек ва арзишҳои ахлоқӣ дар замони зардуштиён ба миён омада, дар давраи Ҳахоманишиҳо, Сосониён, Кӯшониён ва минбаъд ҳамчун меъёри тарбияи арзишҳои ахлоқӣ хидмат кардаанд. Доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии АТТ Мирзобадал Каримзода дар масъалаи маърифати педагогии ниёгон ва асоснокии татбиқи он дар педагогикаи муосири миллӣ андешаронӣ намуда, таъкид кард, ки таҳлили мероси илмии мутафаккирони тоҷику форси асримиёнагӣ имкон медиҳад чунин хулоса кунем, ки афкори педагогии онҳо зербинои



мустаҳками таълиму тарбияи ондавраро ташкил кардаанд. Андешамандони тоҷику форс дар рушди педагогикаи ҷаҳонӣ саҳми боарзише гузоштаанд ва бо мақсади барқарорсозии иртиботи таърихӣ миёни имрӯз ва гузаштаи дур айни замон зарурат пеш омадааст, ки таҷрибаи пешин ва анъанаҳои чандинасраро эҳё кунем.

Номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ АТТ Дастам Маҳкамов дар мавзуи «Ҷанбаҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас дар осори педагогии ниёгон» сухан ронда, аз ашъори шоирони гузашта, ба хусус, Абдураҳмони Ҷомӣ мисолҳои фаровон овард. Сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми кишвар Дилбар Алихонзода дар мавзуи «Инъикоси тарбияи меҳнатӣ дар осори педагогии ниёгон», омӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Фаризаи Давлатмурод дар масъалаи амалияи омодасозии духтарон ба ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва доктори илмҳои педагогӣ Хуррам Раҳимзода андешаҳои худро баён намуданд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***

## Бори аввал дар Тоҷикистон олимпиадаи байналмилалии «ISI Junior–2022» баргузор мегардад

Аз 1 то 7 июл бори аввал дар Тоҷикистон Олимпиадаи байналмилалии «ISI Junior-2022» аз фанни технологияи иттилоотӣ баргузор мегардад.

24 июн дар Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ҷаласаи Кумитаи тадорукоти олимпиадаи байналмилалии «ISI Junior-2022» баргузор гардид, ки дар он ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкиливу ғоявӣ баргузор намудани олимпиадаи мазкур ба масъулин ва шахсони вобасташуда дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар олимпиадаи байналмилалии «ISI Junior-2022», ки дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад 27 дастаи олимпии наврасон бо шумораи 158 нафар хонандан ва 28 мураббӣ аз давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Беларус, Афғонистон, Туркманистон ва Федератсияи Россия иштирок менамоянд. Инчунин, хонандагон аз давлатҳои Озарбойҷон, Муғулистон, Ҳиндустон, Шри-Ланка, Хитой, Сурия ва Куба бо теъдоди 20 даста, ки шумораи онҳо 134 нафарро ташкил медиҳанд, ба тариқи фосилавӣ ширкат меварзанд.

*Ягона пешрафте, ки ба дард меҳӯрад, аз ҳашму ҳирсу кини худ костан аст.*
*Гюстав Флобер*

«Омӯзгор» № 26, 30 июни соли 2022

НИГАРОНӢ

# Вазъи истироҳатгоҳҳои мактабиён ташвишовар аст

***Дар шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб фармоиши мудири шуъбаи маорифи шаҳр аз 30 майи соли 2022, №71 «Дар бораи ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон дар соли 2022» ба тасвиб расида, нақша - чорабинии шуъба ва нақшаи фарогирии кӯдакону наврасон дар муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Кӯлоб барои истироҳати тобистонаи соли 2022 тасдиқ гардида, ба тамоми муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ барои баррасӣ ва иҷро фиристода шудааст.***

Бо ин мақсад шуъбаи маориф ва кумитаи иттифоқҳои касабаи кормандони маорифи шаҳр аз рӯзҳои аввал ситоди махсус таъсис дода, дар назди 55 муассисаи таълимӣ ва 10 муассисаи томактабӣ ташкили майдончаҳои истироҳатиро ба нақша гирифтанд. Басти якуми лагерҳои наздимуассисавӣ бо фарогирии 2300 нафар кӯдакон ва наврасон ба фароғат ба анҷом расид. Фаъолияти майдончаҳои истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасони назди муассисаҳои таълимии №№4,11, 14, 27, 51 ва 52 дар ин давра вобаста ба шароитҳои мавҷуда хуб ба роҳ монда шудааст. Директорони аксарияти муассисаҳои таълимии зикргардида, барои дамгирӣ ва фароғати кӯдакону наврасон тамоми шароити беҳтаринро фароҳам овардаанд. Дар аксарияти ин муассисаҳо бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ва АВО-и муассисаи таълимӣ, кӯдакону наврасон бо хӯроки яквақта таъмин гардидаанд. Шароити истироҳат ва баргузор намудани бозиҳои шавқовари варзишӣ, қироати шеъру суруд ва китобҳои бадеӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Боиси таассуф аст, ки дар қисме аз муассисаҳои таълимӣ, ба тасдиқи директорони муассиса, фармоиши мудири шуъба ва нақшаи фарогирии хонандагон дар вақташ дастрас карда нашудааст ва аз ҳамин сабаб майдончаҳои солимгардонии кӯдакону наврасон дар ин муассисаҳо ташкил карда нашудааст. Қисми зиёди муассисаҳои таълимӣ дар шароити ногувор майдончаҳои истироҳатии тобистонаи кӯдакону наврасонро бе додани хӯрок таъсис додаанд. Дар назди шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб лагери беруназшаҳрии истироҳатии «Шарора» солҳои зиёде фаъолият дошт, ки дар мавсим дар он то 460 нафар хонанда дар се баст истироҳат мекарданд. Ду соли охир ин истироҳатгоҳ бо сабабҳои номаълум аз фаъолият бозмондааст. Ба гуфтаи раиси иттифоқи касабаи кормандони шуъбаи маорифи шаҳр Диловар Нозимзода, айни ҳол дар истироҳатгоҳи «Шарора» корҳои таъмиру тармимӣ идома ёфта истодааст ва он дар рӯзҳои наздик ба қабули кӯдакону наврасон омода мешавад. Боиси таассуф аст, ки то имрӯз аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб маблағи муайян барои истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон ҷудо нашудааст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ш. Шоҳин дар ҳамкорӣ бо шуъбаи маориф, ҳамасола бо мақсади дар сатҳи баланд гузаронидани истироҳати мактаббачагон дар айёми таътили тобистона барои фароҳам овардани шароити зарурӣ корҳои муайянеро ба сомон мерасонад. Барои аз наздик шинос шудан ба шароити истироҳати мактаббачагон мо якҷо бо раиси кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳия Л. Назриев аз фаъолияти лагерҳои назди муассисаҳои таълимии №№1,5,7,12,14, 23 ва мактаб-интернати Саричашма дидан намудем. Дар лагерҳои назди муассисаҳои мазкур зиёда аз 120 нафар кӯдак ва наврас истироҳат намуда, дар як вақт бо хӯроки гарм таъмин



карда мешаванд. Кӯдакон дар ин лагерҳо ҳам истироҳату фароғат мекунанду ҳам ба сайру саёҳат ба ҷойҳои таърихии маҳал сафарбар мешаванд. Дар муассисаҳои таълимии №34,33,24 ва 22 акси ҳолро мушоҳида намудем. Мебоист тибқи нақша 115 нафар мактаббача ба истироҳат фаро гирифта мешуд, аммо аз надоштани шароитҳои одӣ истироҳати хонандагонро ташкил карда натавонистанд. Аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ бо маблағи 10 ҳазор сомонӣ 20 нафар кӯдаки ятиму бепарастор дар лагери беруназшаҳрии «Файзи истиқлол», воқеъ дар дараи Варзоб истироҳат доранд. Тавре дар суҳбат мудири шуъбаи маориф А. Исоев иброз дошт, барои истироҳати мавсими имсолаи мактаббачагон аз буҷаи маҳаллӣ то имрӯз ягон маблағ ҷудо нашудааст. Гарчанде ки дар ҷаласаи назоратӣ раиси ноҳия ба ҳамаи раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва хоҷагиҳои деҳқонӣ супориш дода буд, ки дар назди муассисаҳои таълимӣ майдончаҳои беҳдошти саломатӣ ташкил намуда, онҳоро бо маводи хӯрокворӣ таъмин намоянд, мутаассифона, то имрӯз ин супориш иҷро нагардидааст.

Шуъбаи маорифи ноҳияи Муъминобод бо мақсади дар сатҳи баланд гузаронидани истироҳати мактаббачагон дар айёми таътили тобистона ва барои фароҳам овардани шароити зарурӣ аз рӯзҳои аввал комиссияи махсус таъсис дода, имкониятҳои мавҷударо ҳаматарафа омӯхта истода, дар назди 57 муассисаи таълимӣ ва 2 боғчаи кӯдакона ташкили майдончаи истироҳатиро ба нақша гирифт. Басти якуми лагерҳои наздимуассисавӣ бо фарогирии 2050 нафар кӯдак ва наврас оғоз гардид. Умуман, дар се давр 5450 нафар кӯдаку наврас ба фароғатгоҳҳои наздимактабӣ фаро гирифта мешаванд.

Директорони аксарияти муассисаҳои таълимӣ барои истироҳат ва фароғати кӯдакону наврасон тамоми шароитҳоро фароҳам овардаанд. Барои аз наздик шинос шудан ба шароити истироҳати мактаббачагон бо раиси кумитаи иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳия С. Иброҳимов аз фаъолияти лагерҳои назди муассисаҳои таълимии №1,2,3,14,18,30 ва гимназияи давлатии «Ҳиммат» дидан кардем. Дар лагерҳои муассисаҳои мазкур зиёда аз 120 нафар кӯдак ва наврас истироҳат намуда, як вақт бо хӯроки гарм таъмин карда мешаванд. Дар муассисаҳои таълимии №42,46,26,54,24 баръакси ин ҳолро мушоҳида намудем. Мебоист тибқи нақша 115 нафар мактаббача ба истироҳат фаро гирифта мешуд, аммо аз мавҷуд набудани шароити одии дамгирӣ истироҳати хонандагонро ташкил карда натавонистанд. Аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ бо маблағи 10 ҳазор сомонӣ 16 нафар кӯдак дар лагери беруназшаҳрии «Файзи истиқлол», воқеъ дар дараи Варзоб истироҳат хоҳанд кард. Ҳамчунин, дар асоси нақша - чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар Ҷамоати деҳоти ба номи Н. Назаров барои истироҳати 100 нафар кӯдаку наврас сохтмони лагери мавсимӣ оғоз меёфт. То имрӯз сохтмони лагери мавсимӣ кашол меёбад. Бояд хотиррасон намуд, ки солҳои пешин дар ноҳия лагери истироҳатӣ-фароғатӣ фаъолият дошт, ки хонандагон аз тамоми гӯшаву канори кишварамон дар он истироҳат мекарданд. Мутаассифона, аз ин истироҳатгоҳи кӯдакон бо гузашти айём ному нишоне намондааст.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***
***«Омӯзгор»***

ЧОРАБИНӢ

# Гиромидошти шоири тавоно

Ном ва фаъолияти адабии Шоири халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат дар таърихи адабиёти тоҷик бо хатти заррин сабт гардидааст.

Воқеан ҳам, эҷодиёти шоир мондагор ва омӯзанда аст. Моҳи майи соли равон устоди шодравон, агар дар қайди ҳаёт мебуданд, синни 90 – ро пур мекарданд. Ҷашни шоирро дар кулли муассисаҳои фарҳангиву илмӣ, адабӣ бо шукӯҳу тантана таҷлил менамоянд.

Чунин як ҳамоиши пурмуҳтаво – конференсияи илмӣ – назариявӣ бо номи «Муъмин Қаноат – сарояндаи ҳамосаи Ватан» ва рӯнамоии маҷмуаи «Суханро қудрати ҷонофарин бахшид» (маҷмуаи мақолоти донишмандони тоҷик оид ба фаъолияти эҷодиии шоир) дар Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ баргузор гардид.

Президенти АМИТ, академик Фарҳод Раҳимӣ аз саҳми М. Қаноат дар инкишофи назми тоҷик, аз ҷумла, жанри достоннависӣ изҳори ақида карда, хизматҳои ӯро дар пешрафти АМИТ ҳамчун узви вобастаи ин муассиса шоистаи ибрат хонд. Директори Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ Раҳматкарими Давлатзода аз хусуси мақоми М. Қаноат дар ҷамъоварӣ ва ҳифзу нигаҳдории мероси хаттии ниёгон иттилоъ дод. Олимони шинохта Аламхон Кӯчаров, Ҳафиз Раҳмон, Боймурод Шарифзода, Асрори Раҳмонфар доир ба таҳқиқи қиёсии матнҳои чопшудаи достони «Сурӯши Сталинград», М. Қаноат ҳамчун ҳамосасаро, суннат ва навоварӣ дар достонҳои шоир, М. Қаноат ҳамчун устоди забардасти шеъри нав гузориши илмӣ намуданд.

Дар қисмати музокирот адабиётшиноси маъруф Абдураҳмон Абдуманнонов, Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад, Шоирони халқии Тоҷикистон Камол Насрулло ва Раҳмат Назрӣ дар хусусӣ ҳунари эҷодӣ ва шахсияти шоир фикру андешаашонро баён карданд.

Дар қисмати хотимавии чорабинӣ маҷмуаи мақолаҳо дар бораи шахсият ва осори Муъмин Қаноат, ки зери як муқова бо номи «Суханро қудрати ҷонофарин бахшид» ба зевари табъ ороста шудаву аз барчидаи мақолаҳои адибону донишмандони ватанию хориҷӣ фароҳам омада, ҷанбаҳои гуногуни рӯзгору осор ва афкори суханвари мумтоз мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, рӯнамоӣ гардид.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

ПЕШРАФТ

Дар соли нави хониши 2022-2023 дар шаҳри Душанбе 11 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии замонавӣ бо беш аз 9 ҳазор ҷой нишаст дар як баст ба истифода дода мешаванд. Муассисаҳои мазкур дар чор ноҳияи шаҳри Душанбе ҷойгир буда, бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ таъмин мебошанд.

# Теъдоди таълимгоҳҳои пойтахт меафзояд



Яке аз муассисаҳое, ки дар соли равон ба истифода дода мешавад, мактаби хусусии замонавию муосир дар маҳаллаи Зарафшони ноҳияи Синои пойтахт мебошад. Сохтмони муассисаи мазкур бо ташаббуси бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе соли 2019 оғоз ёфта, муҳлати баистифодадиҳии бино охири соли 2022 муайян гардидааст. Ҳамчунин, дар соли равон ба истифода додани 4 муассисаи томактабӣ барои 484 нафар низ дар назар аст.

**Дар Намоишгоҳи байналмилалии «Тоҷикистон-2022» беш аз 70 корхонаи дохиливу хориҷӣ маҳсулоти худро пешкаш намуданд.**

ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ...

**Китобро ҳофизаи башарият донистаанд. Маҳз бо мутолиа ва таълифи китоб инсоният рушд карда, барои пешрафт ва густариши ҳаёти худ замина мегузорад. Саҳифаҳои таърихро варақ гардонем, худ шоҳиди абармардони миллати тоҷик мешавем, ки ҳамагӣ аз мутолиаи кутуб ба ин бузургию азамати инсоният расидаанд. Шоирон ва донишмандони тоҷик маҳз бо мутолиаи мудовим ва таълифи кутуб тавонистаанд осори гаронарзиши халқи тоҷик ва умуман, тамаддуни башариро ҳифз ва густариш диҳанд. Аз ин ҷост, ки мутолиаи пайвастаи китобро ҳамагон ҷавҳари мавҷудияти таърих, фарҳанг, тамаддун ва фалсафаи ҳастии башар медонанд.**

# Ҳофизаи башарият



Агар ба таърихи давлатдории тоҷикон назар андозем, аввалин ганҷинае, ки бо он ошно мешавем, мавҷудияти марказҳои гуногуни илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ, «Дор-ул-фунун» (Академия)-ҳо ва ҳамчунин китобхонаҳои бузург мебошанд, ки танҳо ба хотири пос доштану ҳифз кардани илму дониш ва ба мерос гузоштани донишҳои маҷмӯӣ таъсис ёфта буданд ва то ба ҳол ин анъана идома ёфта истодааст. Агарчи давлатдории навини миллиамон таърихи начандон тӯлонӣ дошта бошад ҳам, вале боз ҳам донишмандон ва шермардони ватан барои рушду нумуи ҳама соҳаҳои ҳаёт кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки то миллати тоҷик тавонад бо ифтихор аз таърихи фарҳанги худ ёд кунад. Бо шарофати ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, халқи тоҷик тавонист, ганҷинаи бузургеро чун Китобхонаи миллии Тоҷикистон таъсис ва ба истифода диҳад. Фаъолияти ин ганҷинаи бузург барои толибилмону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва умуман, барои халқи тоҷик махзани илму дониш аст. Кӯшишу талошҳои роҳбарияти олии кишвар аст, ки имрӯзҳо соҳаи китобшиносӣ бештар рушд карда, аҳамияти хосса ба худ касб кардааст. Вобаста ба ин соҳаи муҳим, Пешвои миллат дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26 декабри соли 2019) нукоти зеринро қайд кардаанд, ки барои ташаккули тафаккури ҷомеаи имрӯза хеле муҳим арзёбӣ мегардад: «Китобхонаҳо бояд ба маркази илму фарҳанг табдил дода шаванд, зеро китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани аҳли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханронӣро сайқал медиҳад, доираи андешаву тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ роҳнамоӣ мекунад».

Тавре бузургон гуфтаанд, китоб пояи асосии тамаддуни башар аст, ки танҳо тавассути нигаҳдошти он ин поя мустаҳкам хоҳад шуд. Шоир ва нависанда, ходими сиёсию ҷамъиятии франсуз Виктор Мари Гюго дар мавриди нобуд кардани як фарҳанг чунин менигорад: «Барои нобуд кардани як фарҳанг ниёз ба сӯзондани китобҳо нест, кофист коре кунем, ки мардум онҳоро нахонанд». Аз ин гуфтаи эшон маълум мегардад, ки маҷмуи донишҳо ва тамаддуни чандҳазорсолаи башарро танҳо тавассути китоб метавон ёфт.

*Фаридаи НАЗРИМАД,*
*омӯзгори кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон*

МУЛОҲИЗА

# Тарбияи фарзанд вазифаи кист?

Бо мақсади назорати пайгирона ва мунтазами донишомӯзии наврасону ҷавонон борҳо таъкид гардидааст, ки падару модарон на дар давраи омодагӣ ба имтиҳонҳои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ, балки аз овони хурдсолии фарзандонашон ба таълиму тарбияи онҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд, барои дуруст ба камол расонидани онҳо шароит фароҳам оранд, асбобу ашёи таълимиашонро таъмин намоянд ва завқи онҳоро барои интихоби дурусти касб бедор кунанд.

Яке аз амалҳое, ки барои инсони баркамол шудани кӯдакон нақши муҳим мебозад, бедор намудани завқи китобхонии онҳо ба ҳисоб меравад. Барои бедор намудани шавқу завқи китобхонӣ ба мо зарур аст, ки, пеш аз ҳама, худ китобхон бошем ва барои кӯдак намуна буда тавонем. Чунки кӯдак як хислати хуби азхудкунӣ дорад ва ӯ бештар тақлидкорӣ мекунад, яъне ҳар коре ки мо дар муҳити хона ва ё берун аз он анҷом медиҳем, ба кӯдак таъсири худро мерасонад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки дар ташкил, иштирок ва баргузории озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», “Илм фурӯғи маърифат” ва «Тоҷикистон – ватани азизи ман», ки бевосита дар самти тарбия роҳандозӣ шудааст, бетараф набошем, зеро озмунҳои мазкур дар амалисозии ҳадафҳои ҳукумати кишвар, ки баланд бардоштани савияи дониши хонандагон аст, заминаи боэътимод хоҳад гузошт. Барои таълими дурусти насли наврас, оиларо зарур аст, ки бо кӯдакистону муассисаҳои таълимӣ ҳамкориро мустаҳкам намоянд. Чунки таълими наврасон на танҳо вазифаи мураббӣ ва омӯзгор, балки вазифаи аввалиндараҷаи падару модар низ мебошад. Ҳукумати мамлакат инро ба инобат гирифта, Қонуни ҶТ “ Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро ба тасвиб расонд, ки ин қонун масъулиятшиносии падару модарро ба танзим медарорад ва онҳоро водор месозад, ки дар таълими фарзанди худ бетараф набошанд.

Вазифаи ҳар яки мо дар он аст, ки барои кӯдак фазои мусоидро фароҳам созем, то ӯ оянди худро интихоб карда тавонад. Вақте кӯдак дастовардеро дар миёни хонавода ва атрофиён ба намоиш гузошт, бояд аз ҷониби падару модар ба эътибор гирифта шавад. Шояд имкон даст надиҳад, ки барояш ҳадя бигиранд, ҳадди ақал бо чанд сухани рӯҳбахш бачаро таъриф кунанд ва ӯро рӯҳбаланд созанд, ки кӯдак аз ин хеле хурсанд мешавад ва тамоми кӯшиши худро ба харҷ медиҳад, то боз ҳам беҳтару хубтар омӯзад.

Баъди ба мактаб рафтани фарзанд баъзе волидайн тамоми масъулиятро ба дӯши мактабу муаллим мепартоянд, ки ин нодуруст аст. Ин зумра шахсон сахт хато мекунанд. Фарзанд, пеш аз ҳама, ҷигарбанди падару модар аст. Рост, ки давлат дар симои мактабу муаллим вазифадор аст, ки ба насли наврас илм омӯзонанд, тарбият кунанд. Аҳли ҷомеа уҳдадор аст, ки дар тарбияи ӯ саҳм гузорад, бетараф набошад. Аммо вазифаи асосӣ бар зиммаи падару модарони азиз гузошта шудааст.

Падару модарони арҷманд бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандон идома дода, насли наврасӣ кишвари соҳибистиқлоламонро дар рӯҳияи ифтихори бузурги ватандорӣ ба камол расонанд, то онҳо тавонанд парчами давлатамонро дилпурона ба сӯи уфуқҳои оянди ободу осуда баранд.

*Зиёвиддин БӮРИЕВ,*
*шаҳри Ҳисор*

ИҚДОМ

# «Шукуфаҳои пойтахт»

***23 июни соли 2022 дар саҳни Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе маросими бошукӯҳи ифтитоҳи расмии Фестивали II байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон таҳти унвони “Шукуфаҳои пойтахт” баргузор гардид, ки дар он роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, сохторҳои ҷумҳуриявӣ ва шаҳрии дахлдор, ҳайати ҳакамони озмуни байналмилалии эҷодиёти мусиқии кӯдакон ва наврасони эҷодкору соҳибистеъдоди хориҷу дохили кишвар ширкат намуданд.***

Дар оғоз муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар Раҳим ва сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Бахром Исмоилзода Мансур паёми шодбошии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо ба иштирокчиёни Фестивали II байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон таҳти унвони “Шукуфаҳои пойтахт” ироа намуданд.

Дар “Фестивали II байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон «Шукуфаҳои пойтахт» ҳайатҳои эҷодии кӯдакону наврасон аз шаҳрҳои Москваи Федератсияи Россия, Тошкент ва Нукуси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳиндустон, наврасони соҳибистеъдоди Афғонистон, вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғду Хатлон, шаҳрҳои Душанбе ва Турсунзодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марказҳои эҷодиву таҳсилоти иловагӣ ва студияву ансамблҳои бачагона дар саҳнаҳои бузурги муассисаҳои фарҳангии пойтахт дар бахшҳои рақси овозхонӣ ва навозандагӣ ҳунарнамоӣ хоҳанд кард.

Шумораи умумии иштирокдорони Фестивал зиёда аз 300 нафарро ташкил дода, майдони он имкон медиҳад, ки насли наврас дар баробари пешниҳоди ҳунару истеъдоди хеш дар замиру ботини худ хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла, дӯстиву бародариро афзун намоянд.

СОЗАНДАГӢ

Дар доираи дастуру супоришҳои Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати иҷрои талаботи “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2020-2025” тавассути Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар бино ва ҳудуди муассисаи таҳсилоти томактабии №87-и ноҳияи Сино ба маблағи ба 1 миллиону 850 ҳазор сомонӣ корҳои таъмиру азнавсозӣ анҷом

# Оғози фаъолияти боз як муассисаи таҳсилоти томактабӣ



дода шуд.

24 июни соли 2022 дар маросими ба истифода додани муассисаи мазкур муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар Раҳим, сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Исмоилзода Бахром Мансур ва роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе иштирок намуданд.

Муассиса аз 4 гурӯҳ, ҷойи бозӣ, ошхона, ҳуҷраи тиббӣ, толори мусиқӣ, анбори нигоҳдории маводи асосии ғизо иборат буда, бо тамоми таҷҳизот, мебелу ҷевон, рахти хоб, маводи мулоим, бозӣ, зарфҳои хӯрокхӯрӣ, асбобҳои мусиқӣ ва ғайра таъмин мебошад.

**24 июн дар шаҳри Душанбе дуюмин Фестивали дӯстӣ таҳти унвони «Ҷавонон – дар масири истиқлолият ва давлатдории миллӣ» баргузор шуд.**

*Тавбаву пушаймонӣ хуб аст, аммо бад накардан беҳтар аз он.*
*Гюстав Флобер*

«Омӯзгор» № 26, 30 июни соли 2022

26 – УМИ ИЮН – РӮЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ НАШЪАМАНДӢ ВА ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР

# Нашъамандӣ таҳдид ба саломатист

***Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақае ҷойгир аст, ки ҳамсояи он Афғонистон макони парвариши нашъа - моддаи заҳрогин аст. Ҳамчунин, он қисман тавассути кишвари мо интиқол меёбад. Бинобар ин, бархе аз мамолики хориҷӣ ҷумҳурии моро дар паҳн намудани мухаддирот айбдор менамоянд. Президенти Тоҷикистон тақрибан сӣ сол пеш аз ин эълон дошта буданд, ки: «Ҳамчун Президенти кишвар ба сифати масъалаи нахустдараҷаи миллӣ ман вазифа гузоштам, ки интиқоли транзитии моводи нашъаовар аз тарафи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда шавад».***

Воқеан ҳам, нашъа вабои ҳар як ҷомеаи ҷаҳонист. Решакан кардани он на танҳо вазифаи мақомоти кудратӣ, балки бояд вазифаи тамоми ҷомеа бошад. Ҳанӯз 12 – уми апрели соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири таҳкими мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар» фармон ба тасвиб расонда буданд. Фармони мазкур бо мақсади решакан намудани чунин зуҳуроти манфур дар қаламрави кишварамон содир гардид. Вобаста ба ин, комиссияи давлатӣ оид ба назорати моводи нашъадор таъсис ёфт ва нахустин Барномаи давлатии миллӣ «Оид ба мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир барои солҳои



1996 – 1999» қабул гардид. Дар ҳамин раванд ба Конвенсияҳои зидди моводи нашъаовари СММ аз солҳои 1961, 1971, 1988 пайваст шуд.

Дар баробари ин, боз ҳам Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интишори як қатор қонуну қарорҳо ҳар чи зудтар гирифтани пеши роҳи ин амали нангинро зарур шуморидааст. Аз ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 «Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва муқобилият бо муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2012» аз зумраи ҳамин гуна ҳуҷҷатҳост. Минбаъд низ оид ба ин масъала чанд қонуни дигар ба тасвиб расид.

Дар хусуси пайдоиши бемориҳо (нашъамандӣ ҳам беморист) мардум ақидаҳои гуногун доранд. Бархе бар он назаранд, ки солҳои ҳукмронии Иттиҳоди Шӯравӣ рафтуомади мардум ба давлатҳои ҳамсоя, ҳамчунин, хориҷи дур мушкилоти зиёде дошт. Дар баробари ин, назорати қатъии шаҳрвандон риоя мегардид. Биноан, паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла, тоун, сӯзок табларза, нашъамандӣ, сифилис, СПИД ва монанди инҳо вуҷуд надошт. Қисми дигар бар он ақидаанд, ки вазъи иқтисодии Тоҷикистон ин ҳама бемориҳоро ба бор овардааст, зеро нарасидани витаминҳои даркорӣ ба бунияи инсон метавонад ба бемориҳои дар боло номбаршуда бештар таъсир дошта бошад. Аммо ба андешаи ғолиб, то як андоза кушода шудани дарвозаҳои кишвар сабаби паҳн гаштани ҳамин гуна бемориҳои марговар гашта бошанд.

Нашъа ба синну сол, вазифаю мансаб, пулу моли кас кор надорад. Ҳар лаҳза, бахусус, ҳангоми беэҳтиётӣ ва муносибати ноҷо он метавонад касро ба гирдоби фалокат кашонад. Барои ба ин гирдоб ғарқ нашудан ва ё аз он халос гардидан касро ақли солим мебояд. Ақли солим он чест, ки соҳиби ақл агар ба «гера» наздикӣ надошта бошад, дар акси ҳол, вой бар ҳоли ӯ. Нашъа ҳамеша ба ҳаёти инсоният таҳдид намуда, ҷони ҳазорҳо ҳазор одамро аз байн мебарад, тифлонро бесаробон, модаронро оғӯшта ба ғам, занонро бе саробони оила ва ҷомеаро бадахлоқ мегардонад.

Моводи мухаддир ақлу заковат, тафаккур, генофонди миллатро аз байн мебарад. Пас, бояд ҳама гуна имкониятҳоро истифода бурд, то ки бо ин заҳри қотил муборизаи беамон бурдан вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванд гардад.

***Ҳотами ҲОМИД,***
***«Омӯзгор»***

ИРТИБОТ

# Робитаҳои дӯстона густариш меёбанд

***Ҷумҳурии Озарбойҷон, ки истиқлоли кишвари моро аз аввалинҳо шуда ба расмият шинохт. Муносибатҳои дипломатии байни ду кишвар 29 майи соли 1992 барқарор гардид. Дар таърихи барқарор шудани муносибатҳои дипломатии байни ду кишвар ва дар рушди муносибатҳои байни давлатҳо нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Пешвои миллати озар Ҳайдар Алиев бузург мебошад.***

Дар доираи муносибатҳои мутақобила 13-14 августи соли 2007, 11-13 июли соли 2012 ва 9-11 августи соли 2018 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Озарбойҷон ва 15-16 марти соли 2007 ва 16-17 октябри соли 2014 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт. Тоҷикистону Озарбойҷон дар масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, байнипарламентарӣ ва ғайра бомуваффақият ҳамкорӣ мекунанд ва миёни ду кишвар беш аз 60 санад дар соҳаҳои мухталиф ба имзо расидааст. Аз ҷумла, ҳаҷми тиҷорати мутақобила дар соли 2019 беш аз 6 миллион доллари амрикоӣ, дар шаш моҳ соли 2020, 2,5 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст. Дар соли 2020 ифтитоҳи Хонаи савдои Тоҷикистон дар Боку нишондиҳандаи самарабахши ҳамкориҳои иқтисодии дуҷониба мебошад.

Қобили зикр аст, ки сохторҳои мухталифи давлатии Тоҷикистону Озарбойҷон дар иҷрои тарҳҳои муштарак, бахусус, дар заминаи бозомӯзии кадрҳои тахассусии баланд ҷалб шудаанд.

Дар асоси Созишномаҳои ҳамкории байни донишкадаҳо, робитаҳои мактабҳои олии ҳар ду мамлакат ташаккул меёбанд. Олимони Тоҷикистон ва Озарбойҷон дар ҳалли ҷиҳатҳои гуногуни илми муосир ҳамкории пурсамар доранд. Дар шаҳри Душанбе дар заминаи стансияи сейсмикии «Симиганҷ»-и Институти геология, сейсмотехникӣ ва сейсмологияи (АМИ.ЧТ) моҳи сентябри соли 2018 конфронси илмӣ-амалии «Мактаби сейсмологҳои ҷавони давлатҳои аъзои ИДМ» баргузор гардид, ки бо ташаббуси АМИТ якҷо бо Фонди байнидавлатии ҳамкориҳои башардӯстонаи кишварҳои узви ИДМ (IFGS) роҳандозӣ шуд. Рушди ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, ҳамчунин, масъалаҳои омода кардани мутахассисон барои сохторҳои қудратии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Дар доираи Созишномаи байни вазоратҳои мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон ҳамасола курсантҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии олии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Озарбойҷон таълим мегиранд.

Имсол аз барқароршавии муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Озарбойҷон 30 сол сипарӣ мегардад. Аз рӯи меъёрҳои таърихӣ 30 сол муҳлати тӯлонӣ нест. Аммо тӯли ин муддат насли нав ба вуҷуд омаданд, ки дар замонича ҳонишавӣ пуркудраттарин неруи муосири муносибатҳо ва фарҳангҳо мебошад, зиндагӣ мекунанд. Барои онҳо ниғоҳ доштан ва афзун гардонидани муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳо ва миллатҳо бояд хеле муҳим бошад.

Таърихи нави муносибатҳои Озарбойҷону Тоҷикистон дурустии роҳи интихобкардаи ду кишварро барои ҳамкории дарозмуддат ва муассир дар асоси андеша ва афкори некхоҳӣ, эътирофи баробарии соҳибихтиёрӣ, томияти арзӣ, ҳамзамон, шарикии мутақобилан судмандро собит намудааст.

***Назрбӣ ИСМАТОВА,***
***муаллимаи калони кафедраи фалсафаи фарҳанги ДДОТ ба номи С. Айнӣ***

МУЛОҚОТ

# Маҳфили эҷодии нависандаи маъруф

Дар остонаи ҷашни 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи нависандагон маҳфили эҷодии Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматуллоҳи Мирзо бо иштироки адибони маъруфи кишвар, фаъолону аҳли адаби шаҳр ва ихлосмандони каломи бадеъ баргузор гардид.

Дар маҳфил раиси шаҳри Ҳисор Қосим Роҳбар ҳозиринро ба муносибати ҷашни фархундаи 25-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик гуфта, тазаккур дод, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши адабиёти чун бузургтарин мактаби тарбия барои рушди инсоният дар даврони соҳибистиқлолии кишвар муҳим арзёбӣ менамоянд ва ба ин соҳа таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд.




Раиси шаҳр иброз дошт, ки бузургмардони майдони суханварӣ барои рушду такомули шахсӣ ва ғанӣ гардонидани маънавиёти мардум пайваста тариқи адабиёт иқдом менамоянд.

Кароматуллоҳи Мирзо аз чеҳраҳои маъруфи адабии кишвар махсуб меёбад, ки намунаҳои эҷодаш воқеаҳои ҳассоси зиндагӣ ва таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаро фарогир буда, ба як қатор забонҳои мардуми ҷаҳон баргардону чоп шудааст.

Дар синамо аз рӯи чандин асари мондагори нависанда филмҳои ҳунарии ҷаззоб, ки зиндагиро холисонаю воқеъбинона инъикос намудааст, рӯи навор омадааст ва онҳо ҳамчун тарғибгари ахлоқи ҳамида, таҳкимбахши ҳисси худшиносиву фарҳангдӯстӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстию инсондӯстӣ ва дигар хислатҳои накуи инсонӣ дар байни мардум, бахусус, насли наврас писанд ва эътироф шудаанд.

Дар маҳфил муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Равшан Махсумзод, Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғойиб, Нависандагони халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад, Шералӣ Мӯсо, адибон Ато Ҳамдам, Абдурауф Муродӣ, Салими Зарафшонфар, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Баҳманёри Муродӣ, қаламкашони шаҳри Ҳисор ва дигарон иштирок карданд.

Кароматуллоҳи Мирзо бо шукргузорӣ аз ваҳдату истиқлол, иштироккорони чорабиниро бо 25-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ муборакбод гуфта, барои пазироӣ ва истиқболи гарму самимӣ изҳори сипос намуд.

Ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Шамсиддин Муҳиддин, Комилҷони Ғанӣ ва ҳунармандони бахши фарҳанги шаҳр бо шеъру таронаҳои ҷолиб ба маҳфил ҳусни тоза бахшиданд.

Моҳҳои сентябр ва ноябри соли равон иқтидори сайёҳии Тоҷикистон дар намоишгоҳҳои байналмилалии «Tourism EXPO JAPAN-2022» ва «JATA» муаррифӣ мегардад.

ТАҲЛИЛ

# Татбиқи Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

***"Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2027" бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №205 қабул гардида, аз 9 боб ва 58 банд иборат мебошад. Барои амалишавии барномаи мазкур Нақшаи чорабинии амалисозии барнома иборат аз 7 боб ва 33 банд қабул гардидааст. Аз ин бандҳо ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 банд иҷрокунандаи асосӣ ва дар 19 банди дигар ҳамиҷрочӣ мебошад.***

Барнома ба амалигардонии механизмҳои самараноки таъмини амнияти озуқаворӣ, муҳайё намудани шароити мусоид барои нигаҳдорӣ ва пурзӯр намудани саломатии мактаббачагон, такмили натиҷаҳои таълимии хонандагон бо роҳи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи иҷтимоӣ ва беҳтар намудани иштироки хонандагон дар раванди таҳсилот мусоидат хоҳад намуд.

Таъмини ғизои мактабӣ ҳадафи 3-юми миллии мо, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои солим мебошад. Ғизои мактабӣ барои фарогирии иҷтимоӣ ва неруи ҷисмонию зеҳнии хонандагон муҳим буда, ба натиҷаҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Барнома бо дар назар доштани чор самти зерини афзалиятноки рушди ғизои мактабӣ шароит фароҳам меорад:

- такмили низоми идораи ташкили ғизои мактабӣ;
- таҷдиди базаи моддӣ – техникии иншооту ошхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- таъмини сифат ва мутавозинии ғизои мактабӣ мувофиқи эҳтиёҷоту талаботҳои синну солӣ ва физиологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар истеъмоли хӯрок;
- саҳмгузорӣ ба ташаккули фарҳанги истеъмоли ғизои солим дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

Ҳадафҳои Барномаро таҷдиди ҳамаҷонибаи низоми ғизои мактабӣ ва инкишофи он бо самтгирӣ ба устуворгардонии саломатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба воситаи таъмини дастрасӣ, сифат ва бехатарии хӯрок бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои калидии ташкили ғизои босифат ва мутавозин, аз ҷумла, ҷанбаҳои технологӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, кадрӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ ташкил медиҳад.

- таъмини дастрасӣ ба ғизои сифатнок ва бехатар;
- паст намудани хароҷоти истеҳсолӣ;
- баланд бардоштани самаранокии низоми ғизои мактабӣ тавассути инкишофи базаи инфрасохторӣ, аз ҷумла оби тоза, қувваи барқ ва манбаҳои гармидиҳӣ;
- ҷорӣ намудани таҷҳизоти технологии муосир барои омодасозӣ ва расонидани ғизо;
- рушди шабакаи ошхонаҳои мактабӣ ҳамчун низоми ташкил ва идораи ғизои мактабӣ;
- такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки бевосита барои омода намудани ғизои мактабӣ фаъолият мекунанд.

Барнома сатҳи иҷрои вазифаҳо аз рӯи нишондиҳандаҳои мақсадноки васеъ, аз ҷумла механизми асосии рушди ғизои мактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне сатҳи фарогирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо ғизои гарм, ҳиссаи ошхонаҳое, ки бо таҷҳизоти муосири технологӣ муҷаҳҳаз шуданд, ҳиссаи мактабҳо, ки ашёи бо витамин ва микронутриентҳо ғанӣ кардашударо истифода мебаранд, ҳиссаи мактабҳо, ки шаклҳои нави ташкили ғизоро ҷорӣ намуданд, ҳиссаи кормандони ошхонаҳо, ки дорои ихтисоси зарурӣ дар ташкили фаъолият ва истифодаи таҷҳизоти муосири технологӣ мебошанд, ҳиссаи иштирокчиёни ҷараёни таълим, ки аз курсҳои такмили ихтисос доир ба фарҳанги ғизои солим гузаштанд, назорат карда мешавад.

Нишондиҳандаҳои мақсадноки Барнома барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла, таъминоти муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби ошомиданӣ, қувваи барқ ва гармӣ равона карда мешаванд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили вазъи истеъмоли ғизои хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуд, ки кадом витаминҳо ва минералҳо дар сохтори истеъмол намерасанд, вариантҳои нави хӯроки мактабӣ таҳия карда шуданд, ки ба кам кардани норасоии микроэлементҳои зарурӣ нигаронида шуданд. Дар моҳи сентябри соли 2019, нашри дуюми китоби дастурҳо ё “Таомнома” барои ташкили ғизои мактабӣ нашр ва дар байни мактабҳо паҳн гардид. Китоб дорои 116 дастур ё таомнома дар асоси ашёи маҳаллӣ буда, барои гуногун кардани ғизои мактабӣ бо хӯрокҳои солим, серғизо ва болаззат кумак мерасонад.

Ҳар сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳо ба монанди Ҳафтаи ғизои солим ва Рӯзи ҷаҳонии ғизо баргузор мешаванд. Онҳо ба талабагон ва волидони онҳо дар ҳамроҳ шудан ба тарзи ҳаёти солим, бештар дар бораи ғизои хуб ва чорабиниҳои барномавӣ доир ба ғизои мактабӣ маълумот медиҳанд.

Ташаккули модели муосири идоракунии ғизои мактабӣ дар давоми марҳилаҳои иҷрои Барнома бо фарогирии чунин ҷанбаҳо таъмин мегардад:



- таҳлили доимии вазъи кунунии бахши ғизои мактабӣ;
- баҳисобгирии захираҳои мавҷудбуда ва ҷалби захираҳои иловагӣ;
- мубодилаи таҷриба бо минтақаҳое, ки лоиҳаҳои озмоиширо оид ба беҳтар намудани ташкили ғизои мактабӣ бомуваффақият амалӣ кардаанд;
- мониторинги ташкили ғизои мактабӣ, аз ҷумла, мониторинги саломатии хонандагон, махсусан, талабагони синфҳои ибтидоӣ;
- таҳлили қаноатмандии хонандагон ва волидони онҳо аз сифати ғизои мактабӣ ва дар ин асос гузоштани вазифаҳои нав.

Бояд зикр намуд, ки таъмини таҷдиди базаи моддӣ – техникии ошхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба фароҳам овардани шароит барои таъмин намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо хӯрокҳои хушсифати гарм бо роҳи муҷаҳҳаз намудани ошхонаҳои мактаб бо таҷҳизоти муосири технологӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави хӯрок равона карда мешавад.

Дар давоми иҷрои Барнома тақвияти механизми таҷҳизонидани ошхонаҳо ва ҳуҷраҳои тайёр намудани ғизои мактабӣ, ташаккули таъминоти моддӣ – техникии ошхонаҳо ва кадрии низоми ғизои мактабӣ таъмин мегардад.

Тақвияти фаъолиятҳо дар самти таъмини сифат ва мутавозинии ғизои мактабӣ мувофиқи эҳтиёҷоту талаботҳои синнусолӣ ва физиологии талабагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар истеъмоли хӯрок барои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои солимии хонандагон тавассути оптимизатсияи парҳези ғизои мактабӣ, васеъ намудани намудҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, истифодаи маҳсулоти хӯрокворӣ бо витаминҳо ва микроэлементҳои ғанигардондашуда дар ғизои кӯдакон равона карда шуда, ташкили хӯроки парҳезӣ барои мактаббачагони ниёзманд, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо маҳсулоти ба талаботи фитосанитарию технологӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар назар аст, ки фаъолиятҳои барномавӣ дар ин соҳа чунин самтҳоро дар бар мегирад:

- корҳои тарбиявӣ бо ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим, ки ба гирифтани дониш дар бораи ғизои дуруст ва тарзи ҳаёти солим нигаронида шудаанд;
- таҳияи курсҳои ҳамгирошуда оид ба ғизои солим ва татбиқи онҳо дар доираи фанҳои «Ҷаҳони гирду атроф», «Табиатшиносӣ», «Биология», «Асосҳои бехатарии ҳаёт»;
- курсҳои такмили ихтисос, семинарҳо барои омӯзгорон оид ба усулҳои муосири ташкили ғизои мактабӣ ва тарғиби ғизои солим дар байни хонандагон ва волидайни онҳо, ташаккули фарҳанги тарзи ҳаёти солим ва бехатар дар байни талабагон, технологияҳои раванди таълим, татбиқи курсҳои ҳамгирошуда оид ба ғизои солим дар доираи фанҳои таҳсилоти умумӣ;
- дар назди мактабҳо ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ оид ба пухтупаз ва омодагӣ ба ҳаёт барои духтарон – наврасон...

Татбиқи фаъолият дар ин самт ба ноил шудан ба нишондиҳандаи мақсадноки зиёдшавии шумораи иштирокчиёни раванди таҳсилот, ки ба ташаккули фарҳанги ғизои солим таълим гирифтанд, равона мегардад. Дар амалисозии ин иқдом ба фаъолиятҳои зарурии иттилоотӣ ва тарбиявӣ оид ба ташаккули фарҳанги ғизои солим дар байни муаллимон, мактаббачагон ва волидайни онҳо такя карда мешавад.

Дар ташкили ғизои мактабӣ як қатор мушкилот ҷой доранд, ки онҳо монеаи рушди соҳа мебошанд. Омилҳои зерин ба ташкили хӯроки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъсири манфӣ мерасонанд:

- номувофиқ будани заминаи моддию техникии ошхонаҳо ва воҳидҳои хӯроки умумӣ ба талаботи муосир. Дар маҷмуъ, бо дарназардошти ҳолати биноҳо, иншооти муҳандисӣ ва мавҷудияти ҳуҷраҳои хӯрокворӣ 28,1%-и ошхонаҳои мактабҳо ниёз ба таъмири асосӣ доранд. Муҳлати истифодаи таҷҳизоти дар ҳуҷраҳои хӯроквории ошхонаҳои мактабӣ мавҷуда аз 35 то 40 солро ташкил медиҳад. Сатҳи миёнаи фарсудашавии ҷисмонии чунин таҷҳизот 85% -ро ташкил медиҳад;
- бесамарии механизми ташкили хӯроки гарм дар муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки воҳидҳои кории ошпаз ва дигар кормандони ошхона надоранд;
- номутаносибӣ дар парҳезҳо, аз ҷумла истеъмоли ками маҳсулоти ширӣ, гӯштӣ, моҳӣ, сабзавот, меваҳо, нокифоягии микроэлементҳо ва витаминҳо дар ғизо;
- дараҷаи пасти маърифатнокии ҳайати кории ошхонаҳои мактабӣ дар масъалаи интихоб, дастрас, нигоҳдории ашёи хом ва коркардшудаи зарурӣ;
- огоҳии ками ҳайати корӣ ва масъулон аз талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, меъёрии техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии соҳа;
- мушкилиҳо дар самти банақшагирии назорати сифат ва риояи қоидаҳои хӯроки умумӣ дар ошхонаҳо ва нуқтаҳои хӯроки умумии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
- набудани нуқтаҳои тиббӣ ва воҳидҳои кории кормандони тиб дар мактабҳо.
- сифати ғизои мактабӣ аз дастрасии устувор ба оби тоза, қувваи барқ ва гармӣ, инфрасохтори нақлиётӣ вобаста мебошад. Ҳоло танҳо қариб сеяки мактабҳо дорои таъминоти устувор ба оби ошомиданӣ мебошанд. Масъалаҳои таъмини устувор дар давоми ҳамаи чоряկҳои таҳсил бо қувваи барқ ва гармӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот, ҷой доранд. Ҳамзамон, маҳз дар деҳот мушкилоти дастрасии хизматҳои нақлиётӣ барои вориди саривақтии ашё ба ошхонаҳои мактабӣ бояд ҳалли худро ёбанд. Аз ин лиҳоз, ҳалли масъалаҳои рушди ғизои мактабӣ бисёрҷанба буда, ба фаъолияти дастаҷамъии мақомоти гуногун бояд такя намояд.

***Ҷамшед ГУЛОВ,***
***мутахассиси раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илми Вазорати маориф ва илми ҶТ***

Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон мусаввараҳои рассомони рус ба намоиш гузошта шуданд.

*Забону баён ду ҷавҳаранд, ки бе якдигар наметавонанд будан.*

*Гюстав Флобер*



ДАСТОВАРД

# Ҳадаф: тарбияи насли созандаи ҷомеа

***Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 яке аз калонтарин ва бонуфузтарин таълимгоҳҳои шаҳри Хуҷанд маҳсуб меёбад. Он соли 1975 таъсис ёфта, беш аз 45 сол инҷониб фаъолият менамояд. Дар зарфи ин солҳо дар ин боргоҳи илму маърифат ҳазорҳо нафар шогирд таълим гирифта, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва дар пешрафти кишвари азизамон саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд.***

Соли таҳсили 2021-2022 низ дар таърихи фаъолияти муассиса соли дастоварду комёбиҳо ва пешравиҳои назаррас ба ҳисоб меравад. Дар давоми соли таҳсил 26 нафар омӯзгори муассиса аз аттестатсияи кормандони маориф гузашта, 3 нафар соҳиби тахассуси олӣ, 4 нафар соҳиби тахассуси 1 ва 8 нафар соҳиби тахассуси 2 гардиданд. Шогирдони муассиса бо сарварии омӯзгорони соҳибтаҷриба дар озмуну олимпиадаҳои сатҳи вилоятиву ҷумҳуриявӣ борҳо ба гирифтани мақомҳои ифтихорӣ мушарраф гаштаанд.



Шогирдони муассиса соли таҳсили равон дар олимпиадаи шаҳрӣ ба гирифтани 6 ҷой, дар олимпиадаи вилоятӣ 6 ва ҷумҳуриявӣ 4 мақоми ифтихорӣ мушарраф гардиданд. Малика Юлдошева, хонандаи синфи 6 аз фанни забони русӣ ба гирифтани ҷойи аввал ноил гашт. Ҳамчунин, дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ ду нафар тарбиятгирандаи ин даргоҳи илму маърифат - Азиза Акбарҷонзода, хонандаи синфи 9 аз фанни забони русӣ сазовори ҷойи дуюм ва Қурбонзода Бибимарям, хонандаи синфи 7 аз фанни таърих ба гирифтани мақоми сеюм мушарраф гаштанд.

Дар даври шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявии озмуни “Академияи хурди илмҳо” шогирдони муассиса фаъолона иштирок намуда, дар маҷмуъ, сазовори 13 мақоми ифтихорӣ гардиданд. Дар даври ҷумҳуриявии озмуни мазкур Шукрона Байзоева, хонандаи синфи 9 аз фанни алгеба, Хуршед Нишонов, хонандаи синфи 9 аз фанни физика, Абдураҳмон Султонов, хонандаи синфи 10 аз фанни технологияи иттилоотӣ ба гирифтани ҷойи аввал муносиб дониста шуда, ҳамчунин, Шукрона узви вобастаи Академияи хурди илмҳо гардид.

Соли гузашта шогирдони муассиса дар даври шаҳрию вилоятии озмунҳои “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикистон - Ватани азизи ман” ва “Илм – фурӯғи маърифат” фаъолона иштирок намуда, ғолибият ба даст оварданд. Имсол дар даври шаҳрии озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” се нафар хонанда: Асмоа Холова, Париноз Абдузода ва Солеҳзода Абондухт иштирок намуда, ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии “Китобхонаи беҳтарин” китобхонаи муассиса бо сарварии мудири он Бисоломат Раҳимбоева ва китобдор Нигора Маҳмадаминова ба гирифтани мақоми дуюм, дипломи дараҷаи дуюм ва тухфаҳои хотиравии арзишманд мушарраф гардиданд.

Дар озмуни “Иттифоқи касабаи беҳтарин” дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳамчун ташкилоти беҳтарин бо фаъолияти пурсамар ва арзанда кумитаи иттифоқи касабаи муассисаи МТМУ №21 бо сарварии Мунира Аъзамова беҳтарин ва сазовори мақоми аввал дониста шуд.

Албатта, дастоварду комёбиҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 хеле зиёданд, Асоси ин комёбиҳоро директори муассиса Ф. Файзиев дар тифоқию якдигарфаҳмии аҳли ҷомеаи омӯзгорӣ ва масъулиятшиносии онҳо дар раванди таълиму тарбия медонад.

Маҳз бо иқдоми созандаи маъмурияти муассиса корҳои ободонӣ ривоҷи тоза пайдо карда, хонаи омӯзгор, маҷлисгоҳ таъмир гардид ва бо мизу курсии нав, тахтаи электронӣ ва телевизор таъмин карда шуд. Ду синфхонаи компютерӣ дар ихтиёри омӯзгорону шогирдон қарор дошта, кабинетҳои фанҳои физика, химия, биология, суруд ва мусиқӣ пурра муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Муассиса аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашид ва баъди мурофиат ва азму талошҳои директор хати оби нӯшокӣ гузаронида шуда, замини бекорхобидаи атрофи муассиса наздик ба як гектар сарсабз гардид ва дар ҷойи он беобу дарахт бо дастгирии соҳибкорон, падару модарон ва хонандагон боғи дарахтони сояафкану мевадиҳанда бунёд карда шуд.

Дар баробари ин ҳама дастовардҳо, директори муассиса Ф. Файзиев аз мушкилоти мавҷуда низ ёдовар шуд. “Муассисаи мо ба системаи гармидиҳии мутамарказ ниёз дорад. Ҳамчунин, пеш аз ҳама, боми толори варзиш ва маҷлисгоҳ бояд шиферпӯш карда шавад. Мо барои ҳалли ин мушкилот ба мақомоти дахлдор ва соҳибкорону волидайни хонандагон мурофиат намудем ва бо пайдо гаштани имконияти аввалин барои рафъи ин ҳолат талош хоҳем кард”, - мегӯяд сарвари муассиса.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***“Омӯзгор”***

ВОХӮРӢ

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1 аз ҷумлаи аввалин таълимгоҳҳои ноҳияи Файзобод ба шумор меравад. Ин мактаб ба номи асосгузори давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ гузошта шудааст. Тӯли мавҷудияти худ муассиса ҳазорҳо нафар фарзанди сокинони Файзободро таълиму тарбия дода, ба роҳи мустақилонаи ҳаёт ҳидоят намудааст. Сарвари имрӯзаи муассиса Меҳриддин Содиқов бо гирифтани номи чандин нафар олими соҳаи мухталифи илми кишвар ифтихор намуд, ки онҳо шогирдони номбардори ҳамин муассисаанд.

наврасон, Саъдулло Қудбиддинов, Сафар Сангинов, Ҳалим Салимов-муаллимони МТМУ-и №1 аз ҳамин ҷумлаанд.

Хатмкардагони соли 1972-и муассисаи мазкур қарор доданд, ки сарчамъ шаванду давраҳои кӯдакию наврасӣ ва донишандӯзии худро ёд кунанд. Корманди соҳаи ҳуқуқ Фидоалӣ Мирзоев шумораи зиёди ҳамсинфонро дар макони басо дилошӯби деҳаи Чиноро-бӯстонсарои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия гирд овард.

Қабл аз нишаст ҳамсинфон аз мактаби азизи худ дидан намуда, бо омӯзгорон мулоқот оростанд. Пасон ба оромгоҳи

# Мулоқот пас аз 50 сол

Хатмкардагони соли 1972-и муассиса якҷо ба толибилмони русзабон аз сад нафар зиёд буданд, ки синни миёнаи онҳо ба 67 мерасад. Аксариятaшон соҳиби маълумоти касбӣ шуда, то имрӯз ба халқу Ватан содиқона хизмат мекунанд. Ба мисол, Абдукарим Абдуалимов якчанд ташкилоти сохтмонию бинокориро роҳбарӣ намуда, то мансаби муовини аввали вазири сохтмони ҷумҳурӣ расид. Сония Каримова бо рутбаи полковникӣ солҳои зиёд сардори Сарраёсати ахборотӣ ва иттилоотии Вазорати корҳои дохилии кишвар буд. Фидоалӣ Мирзоев вазифаи сардори бахши тафтишоти шуъбаи Вазорати корҳои дохилиро ухда намуда, бо рутбаи полковник ба нафақа баромад. Аз миёни хатмкунандаҳои ҳамон сол даҳ нафар омӯзгориро пеша намуда, дар Файзобод ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ, хусусан, дар шаҳри Душанбе, аз рӯи кори софдилона ва нишони “Аълочии маорифи Тоҷикистон” сазовор гардиданд. Икром Неъматов-котиби аввали ҳизби коммунисти ноҳияи Файзобод, Асадулло Ҷамолиддинов-корманди шуъбаи маорифи ноҳия, Собир Бозоров-собиқ директори Маркази эҷодии кӯдакон ва

Саричашма, он ҷое, ки орифи асри ҳафт Хоҷаи Ҳотами Асам хок шудааст, рафта, сари маркади ҳамсинфони ҷаннатиашон қироати оёти “Қуръон” карданд. Ҳамчунин, ба аёдати омӯзгорону ҳамсинфони бемор рафта, табъи онҳоро болида гардониданд.

Дар нишасти сарҷамъона, ки хеле пурмуҳтаво ва хотирнишин гузашт, чанде аз омӯзгорон, аз ҷумла, устоди мухтарами диёр, дорандаи медали “Хизмати шоиста” Азиз Абдураҳимов иштирок дошт.

Ташаббускори ин амал Фидоалӣ Мирзоев дар ҳаққи устодони зиндаёди худ Аҳмад Мирзоев, Абдураҳим Қосимов, Тилло Бобиев, Файзулло Саидов, Қудратулло Неъматов дуои нек кард. “Хатмкардаҳои соли 1972-и мактаби рақами як, - гуфт ӯ, ҳамеша ба Ватан ва миллати худ содиқ буданд ва дар рушду нумуи Ватани азиз заҳматҳои зиёд кашида, номи устодон ва мактаби худро баланд бардошта, дар вазифаҳои идоракунӣ, хизмати давлатӣ, соҳаи кишоварзӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳо содиқона адои вазифа менамоянд”.

***Ҷӯрабек МУЪМИН,***
***ноҳияи Файзобод***

ҒАМХОРӢ

## 350 омӯзгор ба истироҳат ҷалб гардиданд

Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд дар ҳамкорӣ бо Раёсати маорифи вилояти Суғд дар асоси нақша бори аввал тасмим гирифт, ки 350 нафар омӯзгорону кормандони соҳаи маорифро дар як вақт ба истироҳату фароғат ҷалб намоянд. Ин иқдом бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани риштаи дӯстии омӯзгорони шаҳру ноҳияҳои вилоят ба роҳ монда шуд. Истироҳати омӯзгорон дар осоишгоҳҳои «Соҳил», «Шифо», «Истаравшан», «Зумрад» ва ғайра ҷараён дорад.



Бо мақсади шиносоӣ пайдо намудан аз шароити истироҳаткунандагон санаи 23 июн Мӯсобек Самизода - раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят ба Сайфулло Раҳматов - муовини сардори Раёсати маорифи вилоят ба осоишгоҳи «Соҳил» ва «Шифо» ташриф оварданд. Зимни суҳбат Мӯсобек Самизода бо омӯзгорону кормандон зикр дошт, ки “ҳамаи шароиту имконоте, ки бахри шумо фароҳам оварда шудааст, ин самараи тинҷиву осоиштагӣ ва Ваҳдати комили кишварамон мебошад».

Бояд қайд намуд, ки ин иқдом то давраи ба охир расидани рухсатии меҳнатии омӯзгорон идома мекунанд ва марҳила ба марҳила қисми зиёди омӯзгорон дар осоишгоҳҳои вилоят ба истироҳат ҷалб мегарданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дар таҳрири нав таҳия гардид.

ФАЪОЛИЯТ

# Ёр аҳл бошад, кор саҳл мешавад

### Назаре ба фаъолияти муассиса

Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобокулов, соли 1945 ҳамчун омӯзишгоҳи мусиқӣ ташкил ёфта, минбаъд бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 – юми августи соли 2004, №326 ба муассисаи давлатии коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобокулов табдил ном кардааст. Айни замон дар коллеҷ таҳсил ба шакли рӯзона ва ғоибона ба роҳ монда шудааст. Пас аз хатми синфи 9 чор сол (дар шуъбаи рӯзона), баъди хатми синфи 11 ва дар шуъбаи таҳсилоти ғоибона низ се сол муқаррар гардидааст. Аксари хатмкардаҳои коллеҷ аслан, ба Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода дохил гардида, боқимондаҳо барои кор ба муассисаҳои фарҳангӣ ва соҳаи маорифи Тоҷикистон (ҳамчун омӯзгорони фанни суруд ва мусиқӣ, мутахассиси шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо) ба кор мераванд.

- Дар коллеҷи мо, - мегӯяд директори коллеҷ Баҳодур Давлатзода, - аз рӯйи 11 ихтисос мутахассис тайёр карда мешавад. Донишҷӯён дар ёздаҳ шуъба – мусиқишиносӣ, фортепиано, дирижёри хори академӣ, созҳои тории оркестрӣ, созҳои нафасӣ ва зарбии оркестрӣ, созҳои оркестри халқӣ, сурудхонии академӣ, сурудхонии анъанавӣ, режиссура (ороиши овоз), санъати эстрада (мусиқии созӣ), санъати эстрада (сурудхонӣ) ба шакли таҳсили рӯзона ва дар ҳашт шуъба ба шакли таҳсили ғоибона ба донишандӯзӣ фаро гирифта шудаанд.

### Чор нафар дипломи «аъло» гирифт

Дар коллеҷ ба масъалаи интизом ва давомоти шогирдон, иштироки фаъолонаи онҳо дар озмунҳову имтиҳонҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Масалан, миқдори умумии донишҷӯён 366 нафарро ташкил намуд, ки аз ин миқдор 180 нафарашон ба тариқи шартномавӣ таҳсил менамоянд. Теъдоди омӯзгорон дар коллеҷ имрӯз 127 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин ҳафтод нафарашон устодони асосианд ва боқимондаҳо устодони ҳамкори моянд. Имсол бошад, коллеҷро 101 нафар бо баҳои хубу аъло ҷамъбаст намуда, 4 нафар соҳиби дипломи аъло гардиданд.

Корҳои таълимию методӣ дар шуъбаҳо тибқи нақшаи индивидуалии устодон барои мукаммалсозии лексияҳо, дарсҳои амалӣ, инфиродӣ ва назариявӣ равона карда шудааст. Корҳои таълимию методии омӯзгорон дар иттиҳодияи таълимию методӣ баррасӣ гардида, чораҳои мушаххас қабул карда мешаванд. Аз тарафи устодони коллеҷ китобҳои таълимии мухталиф ва дигар корҳои методие, ки барои беҳбуди сифати таълим ва азхудкунии донишҷӯён истифода бурда мешаванд, вогузор карда шудааст.

### Усули таълим – муҳим

- Қисми таълим аз рӯйи нақшаҳои тасдиқшуда амал карда, дар ҳамкорӣ бо мудирони шуъбаҳо фаъолият намуда, корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонанд, - мегӯяд директори коллеҷ.

- Аз рӯйи нақшаҳои таълимӣ, нақшаи раванди таълим, барномаҳои корӣ ва мавзуоти онҳо аз рӯйи стандарти нав ва барномаҳои он мувофиқ амалӣ мегарданд. Дар солҳои охир иҷрои корҳои таълимӣ - методӣ дар коллеҷ, гузаронидани имтиҳонҳои техникӣ ва консертҳои академӣ, тартиб додани дастурҳои таълимию методӣ, гузаронидани рейтинг, мониторинг, озмунҳои фаннию конфронсҳо, санҷишу имтиҳонҳо пешравиҳо ба назар мерасанд. Комиссияҳое, ки аз тарафи маъмурият, қисми таълим ва бахши идоракунии сифати таҳсилот таъйин мешаванд, раванди таълими методӣ, ҳунарию эҷодӣ, ҳуҷҷатдорӣ, фаъолияти шуъбаҳо ва дигар паҳлуҳои қисми таълимро санҷида, дар ҷаласаҳои Шӯрои омӯзгорон ва маҷлисҳои назди директор муҳокима гардида, қарору чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.



### Иштирок дар озмунҳо самар овард

Яке аз махсусиятҳои фаъолияти коллеҷ иштироки шогирдон дар озмунҳои мухталифи байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, иштироки шогирдон дар олимпиадаҳои фаннӣ, фестивалу озмунҳои сурудхониву навозиши асбобҳои мусиқӣ ва монанди ин мебошад. Аз ҷумла, моҳи майи соли ҷорӣ консерти ҳисоботии коллеҷ дар толори калони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов дар сатҳи хеле баланди касбӣ гузашт. Ғайр аз ин, донишҷӯёни коллеҷи санъат дар озмуни ҷумҳуриявии «Сарояндаи беҳтарин» ва «Рассоми беҳтарин» бахшида ба 30 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар коллеҷи рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баргузор гардид, ширкат намуданд. Дар озмуни «Сарояндаи беҳтарин» коллеҷ ҷойи аввалро ишғол намуда, бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шуда, Ҷоми ғолиби озмуни мазкурро ба даст овард. Ҳамчунин, дар даври аввали Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», ки бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иқдому дастгирии бевоситаи Пешвои миллат баргузор гардид, 50 нафар омӯзгорон ва донишҷӯёни коллеҷ, аз ҷумла, 2 нафар дар номинатсияи композиторӣ, 28 нафар дар навозандагӣ, 20 нафар дар номинатсияи сарояндагӣ фаъолона иштирок намуда, 36 нафари онҳо, аз ҷумла, 2 нафар дар номинатсияи композиторӣ, 22 нафар дар номинатсияи навозандагӣ ва 12 нафар дар номинатсияи сарояндагӣ барои иштирок дар даври дуюми озмуни мазкур роҳхат гирифтанд. Ин гуна комёбиҳо зиёданд.

### Назорати қатъӣ кафили комёбист

- Захираҳо ва имкониятҳои таълим беҳтар шуда истодаанд, ки дар ин кор заҳмати роҳбарият ва омӯзгорони фаъоли коллеҷ назаррас аст, - андеша дорад Б. Давлатзода. - Минбаъд низ сари масъалаи сифати таълим, азхудкунии дониш, гирифтани салоҳиятҳои тахассусии шогирдон, ҳамкории ҳайати омӯзгорон байни худ ва донишҷӯён, фаъолгардонии донишҷӯён дар ҷараёни таълим ва ҳаёти ҷамъиятӣ тадбирҳои муҳим хоҳем андешид. Дар маҷлиси шуъбаҳо оид ба натиҷаҳои санҷишу имтиҳонот, донишандӯзии донишҷӯён, гузаронидани озмунҳо, иҷроиши барномаҳои таълимӣ, корҳои дипломӣ, таҷрибаомӯзӣ ва санҷиши донишҷӯёни таҳсилоти ғоибона муҳокимаронӣ карда, қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд. Барои баланд бардоштани сифати таълим ва донишазхудкунии донишҷӯён дар шуъбаҳои коллеҷ мониторингу рейтинг, консертҳои синфӣ ва академӣ гузаронида мешавад.

Бояд гуфт, таҷрибаомӯзии консертӣ ва омӯзгорӣ маҳорату мустақилиятро дар донишҷӯён тақвият бахшида, сатҳи навозандагӣ, ҳунарӣ ва касбияти онҳоро мустаҳкам мегардонад. Дар коллеҷи номбурда, бино ба таъкиди директори он, нисбат ба солҳои қаблӣ шароити таҷрибаомӯзӣ хеле беҳтар гардидааст. Табодули таҷрибаи онҳо дар муассисаҳои консертӣ ва таълимии системаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нақшаи раванди таълим ба роҳ монда шудааст. Пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён оид ба қайди рӯзномаҳо, тартиби рафтору гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳо суҳбатҳо доир карда мешаванд.

### Тарбия – қисми ҷудонашавандаи фаъолият

Яке аз қисмҳои таркибӣ ва ҷудонашавандаи ҷараёни таълим корҳои тарбиявӣ ба шумор мераванд. Фаъолияти ин соҳа дар коллеҷ ба он равона карда шудааст, ки давомот ба дарсҳо, риояи либоси ягона, истифода аз телефонҳои мобилӣ, ҳодисаҳои дермонӣ ба дарсҳо, бе лавозимоти таълимӣ дар дарсҳо ҳузур доштан, даст доштан дар қонунвайронкунӣ ва дигар амалҳои номатлуб пешгирӣ карда шаванд. Барои амалӣ кардани ин тадбирҳо кор дар алоқаи зич бо шуъбаи таълим, мудирони шуъбаҳо ва сардорони курсҳо ба роҳ монда шудааст. Бино ба таъкиди Баҳодур Давлатзода бо ташаббуси қисми тарбиявии коллеҷ ва кор бо ҷавонон Шӯрои созмони ҷавонон таъсис дода шудааст, ки барои баланд бардоштани сифати корҳои тарбиявӣ тадбири беҳтарин мебошад. Аз тарафи қисми тарбиявӣ ва созмони ҷавонон, мудирони шуъбаҳо ва нозирони қисми таълим рейдҳои муштарак гузаронида, ҳар як амали донишҷӯ ба муҳокима пешниҳод гардида, сарибақт ҳалли худро меёбад. Дар коллеҷ ба масъалаи тарбияи меҳнатии шогирдон низ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Бо ин мақсад ҳар сари чанд вақт ҳашарҳои ободонӣ гузаронида шуда, дар он донишҷӯён дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва қадр кардани меҳнати дигарон тарбия дода мешаванд. Қисми зиёди онҳо дар тоза кардани синфхона ва анҷомҳои он ширкат меварзанд.

*Ҳотами ҲОМИД,*
*«Омӯзгор»*

# Ҳунармандӣ хушбахтист

Ҳунар беҳтарин дороии инсон мебошад. Бузургон онро аз ганҷи Қорун ва мулки Фаридун волотар шуморидаанд. Хирадмандон дар ҳар давру замон мардумро бештар ба аз худ кардани илму ҳунар талқин намудаанд, на барои ба даст овардани молу зар. Хушбахттарин шахс ҳунарманд аст. Ӯ аз мушкилие тарсу ҳарос надорад; на аз кам шудани мол ва на аз даст додани он, зеро калиди ганҷинаи сарват дар дасти худи ӯст.

Ҳар давру замон касбу ҳунарҳои хоси худро дорост. Дар тӯли асрҳо одамон ба сангтарошӣ, дуредгарӣ, кулолӣ, наққошӣ, бофандагӣ ва ғайраҳо машғул шуда, тавассути ин ҳунарҳо зиндагии худро пеш мебурданд.

Бо пешравии сохти ҷамъиятӣ касбу ҳунар низ ривоҷу равнақ ёфт. Мо дар давроне зиндагӣ дорем, ки ҳаётро бе техника ва технология тасаввур кардан ғайриимкон аст. Имрӯзҳо дар тамоми дунё ҳар гуна нақлиёт истеҳсол ва ба фурӯш бароварда мешаванд. Ба кишвари мо низ намудҳои гуногуни нақлиёт ворид шуда истодаанд ва зарурати доштани шаҳодатномаи ронандагӣ ва хуб донистани таъмири нақлиёт батадриҷ зиёд мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муассисаҳое, ки мутахассисони ин соҳаро тайёр менамояд, литсейи касбии техникии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе мебошад, ки таҳсил дар он ба талаботи имрӯза асосан ҷавобгӯй аст.

Ин муассисаи таълимӣ 1-уми сентябри соли 1938 ҳамчун омӯзишгоҳи касбии техникии №26-и шаҳри Душанбе таъсис дода шудааст. Моҳи июли соли 1976 ба омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №4 ва соли 1984 ба омӯзишгоҳи касбии-техникии №52-и шаҳри Душанбе табдил ёфт.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2012 литсейи касбии техникии №52-и шаҳри Душанбе ва дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014 литсейи касбии техникии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе номгузорӣ карда шуд.

Литсей довталабонро баъди хатми синфи 9 ва 11 қабул мекунад ва ба онҳо дар гурӯҳҳои мувофиқ касбу ҳунарҳои зеринро меомӯзад: челонгар, барққор, радио-механик, кафшергар, мутахассиси компютер, ҳисобдор... Ҳамчунин, дар литсей курсҳои кӯтоҳмуддат барои омодасозии ронандаи автомобил, монтёри барқӣ, кафшергар, ронандаи троллейбус, дӯзанда, мутахассиси компютер... амал менамоянд. Хатмкунандагони литсей соҳиби шаҳодатномаи ронандагӣ (дараҷаи «С») низ мегарданд.

Литсей бо зиёда аз 7 корхонаи истеҳсолӣ – КДММ «Автомотосервис» ба номи «Вайс», ҶСК “Сомон Сервис”, ҶДММ «Талко Персия», ҶСК «Тоҷиксемент», ҶСК “Авторем”, коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ шартномаҳои дутарафа оид ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои таълими истеҳсолӣ ба имзо расондааст.

Мо ифтихормандем, ки таълимгоҳамон ҳамқадами замон буда, дар ҷодаи омӯзиши касбу ҳунар ба ҷавонони диёр нақши шоиста мегузорад.

*Марҳабо САЙФЗОДА,*
*омӯзгори литсей*

Дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи байналмилалии олимпӣ фестивал баргузор шуд.

БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТӢ БАРОИ ОЛИМОН ВА ОМӮЗГОРОНИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ

# Физиолог ва биохимики муваффақи тоҷик

Физиологияи растаниҳо равияи илмиест, ки ба омӯзиши чараёни ҳаётан муҳими биологӣ – синтези моддаҳои органикӣ машғул буда, илми биохимия бошад, раванди реаксияҳои химиявиро дар организмҳо меомӯзад. Кулли мавҷудоти зиндаи олам дар иҳотаи омилҳои мухталифи экологӣ ҳаёт мегузаронанд ва дар зери таъсири ин омилҳо нишонаҳои ирсии онҳо низ тағйир меёбанд. Аз ин ҷост, ки мавзӯи тағйирёбии иқлим, дигаргун гаштани омилҳои муҳити зист ва хусусиятҳои мутобиқшавии организмҳо ба ин тағйироти глобалӣ солҳои охир диққати олимони дунё, аз ҷумла, олимони тоҷикро низ ба худ ҷалб намудааст.

Дар оянда баҳри рушди минбаъдаи иқтисодиёт, алалхусус дар баланд бардоштани маҳсулнокии растаниҳо, нигоҳдории гуногунии биологӣ, таъмини озуқаворӣ ва бехатарии экологӣ аз омӯхтани илмҳои муосири физиология ва биохимияи растаниҳо вобастагии калон дорад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш оид ба рушди илмҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла, биология дар кишвар диққати махсус медиҳанд. Дар Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 227 тасдиқ шудааст, оид ба рушди минбаъдаи илмҳои биология, физиология, генетика ва биотехнологияи муосир дар мамлакат санадҳо ва дурнамоҳои муҳими илмию амалӣ пешниҳод шудаанд.

Дар Тоҷикистон дар солҳои охир бо шарофати истифодабарии усулҳои физиологӣ, генетикӣ, биотехнологӣ, аз қабили муҳандисии генӣ ва омезиши ҳуҷайраву бофтаҳои нав дар муҳити сунъии афзоиш (in-vitro) имкони ба даст овардани навъу намунаҳои серҳосили зироатҳои гуногуни кишоварзӣ, баланд бардоштани тобоварии онҳо ба касалиҳо ва зарароронҳо, инчунин, усулҳои ба даст овардани тухмиҳои солим аз қабили гандум, картошка, сабзавот ва ғайра муяссар гардад.

Бояд қайд намуд, ки Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар рушди минбаъдаи физиология ва биохимияи растаниҳо дар кишвар ягона муассисаи илмие ба шумор меравад, ки дар он олимон баҳри баланд бардоштани маҳсулнокии растаниҳо дар асоси раванди мураккаби фотосинтез пешсаф буда, ҳанӯз аз солҳои 60-уми асри гузашта то ба имрӯз меомӯзанд.

Яке аз олимони институт, ки ба омӯзиши реаксияҳои гуногуни биохимиявии наботот машғул аст, доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Баҳхулло Ҷумъаев мебошад, ки беш тар аз 40 соли бобаракати умри хешро дар ин бахшҳои муҳими илми



биология, яъне физиология ва биохимия сарф намудааст. Месазад қайд намоем, ки олими пурмаҳсул Б.Ҷумъаев 10 сентябри соли 1960, дар деҳаи Каздони ноҳияи Айнӣ дар оилаи кишоварз ба дунё омадааст. Вай дар соли 1987 Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи С.Айниро бо дипломи аъло ва бо гирифтани идрорпулии ба номи В.И.Ленин хатм намудааст. Вай дар дилаш орзуи олим шуданро ҳанӯз аз айёми мактабхонӣ дошт ва ҳамин буд, ки ӯ моҳи декабри соли 1987 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ҳамонвақтаи Институти физиология ва биофизикаи растании назди АИ ҶТ дохил шуда, соли 1991 рисолаи номзадаш ва соли 2000 бошад, рисолаи докторияшро дар бахши биохимияи растаниҳо бомуваффақият дифоъ намуд. Вай солҳои 1991-2003 дар вазифаҳои лаборанти калон, ходими хурди илмӣ, ходими калони илмӣ, ходими пешбари илмӣ фаъолият намудааст. Дар айни замон дар вазифаи сарходими илмии озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ фаъолият дорад. Устод дар баробари давом додани корҳои илмӣ, инчунин, дар тайёр намудани табибони ояндаи кишвар саҳмгузор буда, аз соли 2003 то кунун ҳамчунин дар кафедраи биохимияи ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино фаъолияти омӯзгорӣ дорад, ки то соли 2015 ба ҳайси ассистент ва аз соли 2016 ба ҳайси профессори кафедраи биохимия фаъолият намуда истодааст.

Ҳоло устод бо ҳамроҳии шогирдонаш ба омӯзиши таъсири пайомадҳои тағйирёбии иқлим - ҳарорати баланди ҳаво, консентратсияи баланди гази карбонат, хушкшавӣ ва шӯршавии хок ва сенарияҳои гуногуни тағйирёбии иқлим ба равандҳои физиологию биохимиявии зироатҳои кишоварзӣ дар шароити Тоҷикистон машғул мебошад, ки онҳо аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти арзишноки илмӣ ба ӯ муяссар гардидааст, ки 1 шаҳодатномаи муаллифӣ, 6 монография, зиёда аз 200 мақолаи илмӣ, 2 китоби дарсӣ, 30 дастури таълимӣ-методӣ, 3 китоби илмӣ-оммавӣ ва бештар аз 90 мақолаи илмӣ-оммавиро пешкаши хонандагон гардонидааст. Вай дар бисёр анҷуманҳои байналмилалӣ, симпозиуму конфронсҳо бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намуда, дар тарғиби илми биологияи муосири Тоҷикистон саҳми босазо гузоштааст. Таҳти роҳбарии бевоситаи устод як нафар унвонҷӯ бо сазовор шудан ба идрорпулии президентӣ рисолаи номзадиашро бомуваффақият дифоъ намуда, дар айни замон роҳбарии 4 аспирантро ба уҳда дорад.

Боиси хушнудӣ ва дастгирист, ки номзадии устод Б. Ҷумъаевро коллективи меҳнатии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти Ҷоизаи давлатӣ барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои соли 2022, ки дар партаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон шудааст, пешниҳод намудааст. Ин пешниҳод шоистаи дастгирист.

*Б.БОБОЗОДА,*
*директори Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ,*
*Қ.АЛИЕВ,*
*А.АБДУЛЛОЕВ,*
*аъзои вобастаи АМИТ,*
*Қ.ПАРТОЕВ,*
*профессор, АМИТ,*
*М.АТОЕВ,*
*ходими пешбари илмии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ*

ШАМЪИ ХОТИРА

# Мактабшинос

## Хотираҳо дар бораи маорифпарвари асил, шодравон Ҳабиб Искандар

Дар хотирам ҳаст, соли 1978 баъди хатми Институти педагогии шаҳри Кӯлоб (ҳоло ДДК ба номи А. Рӯдакӣ) тибқи роҳхат ба ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нуробод) ҳамчун омӯзгор фиристонида шудам. Он солҳо ҷавононе, ки дар деҳот ба пешаи омӯзгорӣ машғул буданд, аз хизмати аскарӣ озод буданд.

Ҳамин тавр, баъди ду соли омӯзгорӣ хостам, ба зодгоҳи худ (ноҳияи Фархор) рафта, ба касби омӯзгорӣ идома диҳам. Ба Вазорати маориф омада, аз дари ҳуҷраи кории сардори раёсати кадрҳо эҳтиромона салом дода даромадам. Марди нуронии қоматбаланд маро хуш пазируфта, айнакашонро аз чашмонашон гирифта, сабаби ба наздашон омаданамро пурсон шуданд.

-Устод, ман тибқи роҳхати Вазорати маориф ду сол дар ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нуробод) муаллимӣ кардам. Акнун мехоҳам ба зодгоҳам равам.

Устод маънидорона чунин гуфтанд:

-Писарам, имрӯзҳо дар мактабҳои ноҳияи шумо мутахассисони маълумоти олидор, бахусус, омӯзгорони забони русӣ чун обу ҳаво даркор, боз як соли дигар рафта дар ҳамон ҷо кор мекунед. Ин хеле муҳим аст. Гапи маро фаҳмед, писарам.

Ин шахс устод Ҳабиб Искандаров буданд, ки дар Вазорати маориф ба ҳайси сардори раёсати кадрҳо фаъолият доштанд. Устод мақсади худро чунон ҷиддӣ, бомулоҳиза ва бо боварӣ баён карданд, ки ба ростӣ, ман дар малол шудаму дилмондаю на ноумед. Фикр кардам, ки дар ҳақиқат, рост мегӯяд. Ҳамин тавр, бо устод хайрухуш намуда, аз наздашон баромадам.

Баъди гузашти солҳо ба раёсати



кадрҳои Вазорати маориф аввал ба ҳайси мутахассис ва баъдан, ҷонишини сардори раёсат ба кор омада, тайи чанд сол бо устод Ҳабиб Искандаров якҷо фаъолият доштем. Акнун ин марди шариф, инсони накусиришт ва маорифпарвари асилу матину ҷонфидоро ман аз наздик шинохтам. Баъдан дар кадом муассисае, ки кор накардам, "мактаби Ҳабиб Искандар" барои ман дастури амалиёти фаъолияти корию дарси ҳаёт буд. Устод манбаи илму маънӣ, махзани дониш ва ганҷинаи маърифат буданд.

-Дар кор кадрҳо хеле бомасъулият, ҷиддӣ бояд рафтор кунанд, зеро тақдири мутахассисон ба кадрҳои роҳбарикунанда вобаста аст. Агар роҳбар вазифаи худро иҷро карда тавонад, тобеон азоб намекашанд ва ба ҳурмату эҳтиромашон ба роҳбар зиёд мешавад. Бинобар ин, дар масъалаи ҷобаҷогузории кадрҳо, пеш аз ҳама, одамшинос будан даркор,-таъкид мекарданд устод.

Дар баробари насиҳату таъкидҳояшон, ба ман ҳар гуна китобу дастуру тавсияҳо ва дигар маводро ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам русӣ ёфта медоданд, ки омӯзам ва ҳангоми фаъолияти худ истифода барам.

Як хислати неку ҳамидаи шодравон Ҳабиб Искандар дар он буд, ки донишу маҳорату кордониашонро аз касе дареғ намедоштанд. Устод муаллифи садҳо мақолаи методӣ, дастурҳои омӯзишию тавсиявӣ, китобҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ҳастанд.

Мактабшиноси шинохта Ҳабиб Искандаров имрӯз дар байни мо нестанд. Вале осори таълифнамудаашон номи ӯро ҷовидонӣ хоҳад гардонд.

*Намозхон БОБОЕВ,*
*омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ*

ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН

Бо Гулрӯ Пӯлотова, сардори раёсати маорифи шаҳри Истаравшан суҳбат оростам. Мавсуф бо қаноатмандӣ мегӯяд: «Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №62 дар тамоми самтҳои фаъолият бехамтост. Яке аз беҳтарин комёбиҳои муассиса он аст, ки сол аз сол сафи ғолибони олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз ин муассиса меафзоянд. Инчунин, нақши он дар

# Самараи заҳматҳо



рушди ҳаракати олимпӣ дар шаҳр бориз аст».

Шаҳноза Баротова директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 62 мегӯяд, ки Фарзонаи Илҳом аз зумраи чунин ҷавононест, ки пайроҳаи илмро пеша карда, бештари лаҳзаҳои умри хешро ба таълиму тарбияи хонандагон сарф месозад. Аз суҳбати директори муассисаи аён гашт, ки Фарзонаи Илҳом омӯзгори ҷавон буда, тӯли панҷ соли фаъолияти худ комёбиҳои беназирро соҳиб гашта, сол аз сол сафи ғолибони олимпиадаҳои шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби шогирдон меафзоянд.

*Ҷаҳонгир МАХКАМОВ,*
*узви ИЖТ*

Китоби нави академик Абдуҷаббор Раҳмонзода таҳти унвони «Насими дӯстӣ» ба нашр расид.

ЁДВОРА

*23-юми июни соли гузашта. Занги ногаҳонии телефон субҳи солеҳон аз хобам бедор кард. Хоҳарам Фирӯза аз беморхонаи ноҳияи Дангара занг мезад. Як моҳ инҷониб дар беморхонаи ин ноҳия ба нигоҳубини хоҳари беморам Моҳира банд буд. Дилам тах кашид. Хоҳаракамро духтурон ба ҷарроҳии иваз намудани гурдаҳо тайёр мекарданд. Ҳар ду гурдааш хушк шуда буд…*

Дах сол пештар табибони тошкандӣ баъди муоинаҳои тӯлонӣ ба хулоса омаданд, ки гурдаҳояш хурд шудааст табобат дигар самарае намебахшад. Ҳатман донор ёфтан даркор, то гурдаҳоро иваз кунанд. Вале кафолати пурра ҳам дода наметавонанд, зеро синну соли ба ҷое расидаи бемор ҷобаҷошавии ин узвҳоро мушкил мегардонад.

Бо пешниҳоди чиянхоаму маслиҳати падарашон қарор қатъӣ шуд: -бо ҳар роҳ донор меёбанду гурдаҳои Моҳираҷонро иваз мекунанд.

Лек хоҳараки ширинам розӣ нашуд, гуфт, ки хароҷоти зиёд чӣ лозим? Чӣ қадар умр насиб карда бошад, ҳамон

# Еди ширин монду бас

бошад. Худашро не, саломатиашро ҳам не, зиндагии фарзандону рӯзгори оилаашро пеш гузошт.

Дар тӯли дах соли охир чӣ машаққату ранҷ аз ин беморӣ кашид, насдикон медонанду бас. Танаш дорухонаро мемонд. Хӯрокаш мудом парҳезӣ.

Аммо аз кор даст накашид. Пешаашро (омӯзгори забони англисӣ) дӯст медошт. Дар ихотаи шогирдон, ҳамкорон худро андаке беҳ ҳис мекард. Хурмати атрофиён, ҳамкорон, забондон шудану пешрафти шогирдон барояш олам-олам завқ мебахшид. Ин ҳам як роҳи мубоизаи мардона бо бемориаш буд. Афсӯс, ки охир дард зӯрӣ карду амон надод.

Аз огози соли гузашта аҳволаш рӯз то рӯз бадтар шудан гирифт. Дар беморхонаи ноҳияву шаҳри Душанбе дар муолиҷаҳои тӯлонӣ буд. Ниҳоят, бо машаққату маслиҳати духтурони пойтахт ҷарроҳии ивази гурдаҳояшро дар беморхонаи ноҳияи Дангара анҷом доданӣ шуданд.

Вале рӯзи даҳуми бистарӣ аҳволи хоҳаракам бад шуд. Якбора дил аз кор монд. Бо таку този духтурон базӯр ба худ омад. Баъди шунидани ин аҳвол худи ҳамон рӯз бо хоҳарам Фирӯзаю чиянам Комронҷон ба роҳ баромадам. Соати яки шаб ба беморхонаи Дангара расидем. Ҳамшираи шафқат гуфт, ки Моҳира дар ҳолати беҳушист. То саҳар аз даргоҳи Худованд илтиҷо кардам, ки тезтар ба хуш ояду ба дидораш расаму овозашро шунавам. Вале ҳайҳот…

Бегоҳии дигар бо илтиҷою илтимос маро ба ҳуҷраи хобаш иҷозат доданд. Ҳамон ҳам ду-се дақиқа. Духтур гуфт, ки гап занед, шуморо мешунавад. Даст ба пешониаш гузоштам. Маҷоли сухангӯиям набуд. Фақат «Моҳираҷон, модарам салом фиристоданд» гуфтанамро медонаму бас. Бо шунидани калимаи «модар» чашмашро кушод. Чизе гуфтанӣ шуд. Натавонист. Чашмонаш худ аз худ пӯшида шуданд. Аз куҷо медонистам, ки нигоҳи охирини Моҳираҷонро мебинам.

Пас аз се рӯз ба хона баргаштам. Даҳ рӯзи дигар гузашт. Чиянхоям тавассути телефон гуфтанд, ки модарамон ба худ омадааст аҳволаш қадре беҳтар гаштааст. Шояд рӯзҳои наздик ҷарроҳӣ ҳам кунанд.

Ҷарроҳӣ ҳам карданд. 9 соати расо ба ҷои гурдаҳояш гурдаҳои кадом каси ҷавонеро пайваст карданд. Ҳамагӣ ду рӯз аҳволаш хуб буд. Бемории аз истеъмоли дорую тановули хӯрокҳои парҳезӣ кори худро кард.

…23-юми июни соли гузашта. Соатҳои чори саҳар занги телефонии хоҳарам Фирӯза дунёро дар назарам торик кард. «Акоҷон!» - мегуфт хоҳари аз гиря гулугирам. - Моҳираҷон гузашт. Ба модарам чӣ мегӯем?»

Ба модари 85-солаам чизе нагуфтам. Худи ҳамон рӯз нисфирӯзӣ хоҳаракам Моҳираҷонро ба хонааш оварданд.

Нолаи ҳазину дарднок ва раҳмовари модарам баъди анбӯҳи одамонро дар назди дарвозаи Моҳираҷон дида нолиданашон то ҳол диламро реш-реш мекунад. Ба фикрам, ба тақдири хоҳаракам ҳама месӯхтанду мегиристанд…

**Ёдат ба хайр бод, хоҳари ширинакам, Моҳираҷон!**

*Акбар МАҲМУДОВ,*
*ноҳияи Деваштич*

ЭЪЛОН

# Коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон

## барои соли таҳсили 2022-2023 ҷиҳати ишғоли ҷойҳои кории холӣ ба вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:

**1. Факултаи геология**
- декан, номзади илм – 1,0 воҳиди корӣ.

**2. Факултаи иқтисодиёти саноати кӯҳӣ**
- декан, номзади илм – 1,0 воҳиди корӣ.

**3. Кафедраи менеҷменти соҳавӣ**
- мудири кафедра, номзади илм – 1,0 воҳиди корӣ;
- омӯзгори калон – 2,0 воҳиди корӣ;
- ассистент - 1,0 воҳиди корӣ.

**4. Кафедраи геология ва иктишофи конхои канданиҳои фоиданок**
- мудири кафедра, номзади илм – 1,0 воҳиди корӣ;
- омӯзгори калон – 2,0 воҳиди корӣ.
- ассистент - 2,0 воҳиди корӣ.

**5. Кафедраи забонҳо**
- мудири кафедра, номзади илм – 1,0 воҳиди корӣ;
- омӯзгори калон – 1,0 воҳиди корӣ;
- ассистент - 1,0 воҳиди корӣ.

**6. Кафедраи табиӣ-риёзӣ**
- мудири кафедра, номзади илм – 1,0 воҳиди корӣ;
- мудири кафедра, номзади илм – 1,0 воҳиди корӣ;
- омӯзгори калон – 2,0 воҳиди корӣ;
- ассистент - 2,0 воҳиди корӣ.

**7. Шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ**
- омӯзгорон аз рӯи ихтисосҳои зерин:
1. Ороиши сангҳои нимқимат ва қиматбаҳо;
2. Ёрдачии пармагар ва ҷустуҷӯи пармачоҳҳо дар соҳаи нафту газ;
3. Ҳисобдор;
4. Хазинадор - назоратчӣ.

**Номзадҳо бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:**
- Маълумоти олии тахассусӣ;
- Собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос на камтар аз 5 сол;
- Донистани асосҳои педагогика ва психология;
- Кор кардан дар компютер ва шабакаи интернет;
- Донистани ҳатмии забони давлатӣ ва русӣ;
- Қобилияти коммуникативӣ ва ташкилотчигӣ.

Ба дорандагони дараҷаи илмӣ имтиёз дода мешавад.

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**
- Ариза ба номи директори коллеҷ;
- Варақаи баҳисобгирии кадрҳо;
- Тарҷумаи ҳол;
- Нусхаи дипломҳо;
- 6 адад расми 3х4;
- Дафтарчаи меҳнатӣ;
- Нусхаи шиноснома;
- Нусхаи РМА-ИНН (рақами мушаххаси андозсупоранда);
- Нусхаи РМИ-СИН (суғуртаи иҷтимоӣ);
- Дафтарчаи тиббӣ №038;
- Маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
- Тавсифнома аз ҷои кори пешина.

Ҷиҳати иштирок дар озмун маълумотнома (CV) –и номзадҳо то 27.08.2022 ба суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 52/1 қабул карда мешавад.

Инчунин, номзадҳо метавонанд ҳуҷҷатҳои худро ба почтаи электронии kuhi-2018@mail.ru ирсол намоянд.

**Телефон: 981-06-99-04, 936-00-82-79, 770-77-08-28, 239-13-70**

ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲЕМ!

# Мукофоти Нобелӣ ба олими рус

*Медонем, ки олими шинохтаи рус Жорес Иванович Алфёров барандаи Ҷоизаи Нобел аст. Мехостем донем, ки барои кадом дастовардҳояш ин мукофотро сазовор гардидааст? Боз кадом олимони рус чунин мукофотро соҳиб шудаанд?*

***Меҳроб САИДОВ,***
***Анвар КАРИМОВ,***
***омӯзгорони физика аз шаҳри Бохтар***



Дар ҳақиқат, бисту ду сол пеш аз ин бо қарори Академияи улуми шоҳигарии Шветсия ба ноиби президенти Академияи илмҳои Федератсияи Россия, директори Пажуҳишгоҳи физикию техникии Санкт – Петербург Жорес Иванович Алфёров барои дастовардҳои барҷастааш дар соҳаи физика мукофоти Нобелӣ супурда шуда буд.

Тараққиёти нимноқилҳо, компютеру дастгоҳҳои лазерӣ, аз ҷумла, сӯзанҳои лазерӣ барои дискҳои компактӣ, рангҳои сурх, сабз, кабуду нофармон дар экрани телевизорҳо, дастгоҳҳои алоқаи зудҳаракат (мобилӣ), батареяҳои офтобӣ, ки дар киштиҳои кайҳонӣ истифода мешаванд ва садҳо дигар корҳои физикӣ ба номи ин олим вобаста аст.

Аз соли 1901 то инҷониб (дар 31 сол) 18 нафар арбоби илму фарҳанги Федератсияи Россия ба гирифтани мукофоти Нобелӣ мушарраф гардидаанд. Ж. И. Алфёров олими барҷастаи нуздаҳуми Россия аст, ки чунин мукофоти баланди ҷаҳониро дарёфтааст. Ҳамон вақт (соли 2000-ум) маблағи мукофоти Нобел 920 ҳазор доллари америкоиро ташкил медод ва он ба се нафар тақсим шуда буд. Ҳамроҳи Ж. И. Алфёров, физикҳои америкоӣ Герберт Кренер ва Чек Килбел низ дорандаи ин ҷоиза шуданд ва ба Ж. И. Алфёров 250 ҳазор доллари америкоӣ насиб гардид.

*Таҳияи Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

ФАРОҒАТ

# Истироҳатгоҳи «Файзи истиқлол» фаъол шуд

Бо иштироки Зулхия Нозакзода, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Исмоил Файзизода, муовини якуми раиси Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Зиёдулло Абдулзода муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бasти аввали истироҳати кӯдакону наврасон дар Истироҳатгоҳи «Файзи истиқлол»,



воқеъ дар минтақаи сайёҳии Варзоб ба таври расмӣ ифтитоҳ гардид.

Яке аз масъалаҳои халталаб дар истироҳатгоҳҳои берунаэшаҳрӣ, мутобиқ сохтани пояҳои моддӣ ва тақвияти шароити иҷтимоӣ барои кӯдакону наврасон мебошад. Вобаста ба ҳалли мушкилот, Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм дар мавсими истироҳати тобистонаи кӯдакон ва наврасон тасмим гирифт, ки шароити беҳтару созгорро барои истироҳаткунандагон фароҳам оварад, ки имрӯз ҳар яки мо шоҳиди бевоситаи дигаргуниҳо дар Истироҳатгоҳи «Файзи истиқлол» гардидем.

Роҳбарияти истироҳатгоҳ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки истироҳату фароғати мусоидро барои кӯдакону наврасон фароҳам оварад.

*Рӯзи рафтаро на ба он чи дурудӣ, бал ба он чи коридӣ, ҳукм бикун.*
*Роберт Стивенсон*



ЭЪЛОН

# Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**барои соли таҳсили 2022-2023 ҷиҳати ишғоли ҷойҳои кории холӣ ба вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:**

**1. ФАКУЛТЕТИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ, ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ**

а)-декани факултет (номзади илм);
-мудири кафедраи математика ва информатика (н.и.ф-м);
-омӯзгор аз фанни математика - 4 нафар (омӯзгори калон, ассистент);
-омӯзгор аз фанни физика - 4 нафар (омӯзгори калон, ассистент);
-омӯзгор аз фанни химия - 4 нафар (омӯзгори калон, ассистент);
-омӯзгор аз фанни география - 4 нафар (омӯзгори калон, ассистент);
б)-мудири кафедраи педагогика ва психология (н.и. педагогика ва психология);
-омӯзгор аз фанни педагогика - 4 нафар (омӯзгори калон, ассистент);
-омӯзгор аз фанни психология - 4 нафар (омӯзгори калон, ассистент);
-омӯзгор аз фанни тарбияи ҷисмонӣ - 4 нафар - зан, (омӯзгори калон, ассистент);
-омӯзгор аз фанни санъати тасвирӣ - 4 нафар (омӯзгори калон, ассистент).

**2. ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ ВА ТАЪРИХ**

а)-декани факултет (номзади илм);
-мудири кафедраи таърих ва ҷомеашиносӣ (н.и.т);
-омӯзгор аз фанни таърих ва ҳуқуқ бо забони русӣ – 4 нафар (омӯзгори калон, ассистент);
б)-мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик (н.и.ф).

**3. ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ**

а)-декани факултет (номзади илм);
-мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ (н.и.ф, англисӣ-олмонӣ);
-омӯзгор аз фанни забонҳои хориҷӣ (англисӣ-олмонӣ) - 6 нафар (омӯзгори калон, ассистент);
б)-мудири кафедраи забон ва адабиёти рус (н.и.ф);
-омӯзгор аз фанни забон ва адабиёти рус 6-нафар (омӯзгори калон, ассистент).

**НОМЗАДҲО БОЯД БА ТАЛАБОТИ ЗЕРИН ҶАВОБГӮ БОШАНД:**

. Маълумоти олӣ ва тахассусӣ;
. Собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос на камтар аз 3 сол дошта бошад;
. Донистани асосҳои илми педагогика ва психология;
. Кор кардан дар компютер ва шабакаи интернет;
. Донистани ҳатмии забони давлатӣ ва яке аз забонҳои хориҷӣ;
. Қобилияти коммуникативӣ ва таш-килотчигӣ.
Ба дорандагони дараҷи илмӣ ва дараҷаи тахассусӣ имтиёз дода мешавад.

**БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН ҲУҶҶАТҲОИ ЗЕРИН ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАНД:**

. ариза ба номи директори муассиса;
. варақаи баҳисобгирии кадрҳо;
. тарҷумаи ҳол;
. нусхаи дипломҳо;
. 6 адад расми 3х4;
. дафтарчаи меҳнатӣ;
. нусхаи шиноснома;
. дафтарчаи меҳнатӣ
. нусхаи РМА-ИНН (рақами мушаххаси андозсупоранда);
. нусхаи РМИ-СИН (суғуртаи иҷтимоӣ);
. маълумотномаи тиббӣ №038;
. дафтарчаи тиббӣ;
. маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
. нусхаи билети ҳарбӣ (барои мардон);
. тавсифнома аз ҷои кори пешина.

Ҷиҳати иштирок дар озмун маълумотнома (CV)-и номзадон ва омӯзгорон ҳатмист.

Барои маълумоти иловагӣ хоҳишмандон ва номзадҳо метавонанд бо телефонҳои **226-09-55; 880-38-83-18** дар тамос бошанд.

Музди меҳнати кормандон вобаста ба вазифаҳо тибқи ҷадвали басти вазифаҳо муқаррар карда шудааст.

СӮГВОРӢ

## Аҳмад АБДУЛЛОЕВ



Доктори илми филология, профессор Аҳмад Абдуллоев, муҳаққиқи адабиёти форсу тоҷик дар 86-солагӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон даргузашт.

Донишкадаи омӯзгории Душанберо хатм карда, дар Академияи илмҳо ва Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ кор кардааст. А. Абдуллоев солҳои 80-уми асри гузашта бо мақолаҳои ҷасуронааш дар нашрияҳои Тоҷикистон, аз ҷумла, «Маориф ва маданият» («Омӯзгор») дар Тоҷикистон шуҳрат дошт. Ҳадаф аз онҳо бедории миллӣ, арҷгузорӣ ба таърих, забон ва фарҳанги миллии тоҷикон буд.

Асосан ба адабиёти қарнҳои 11-12 ва намояндагони он – Адиб Собири Тирмизӣ, Заҳирии Форёбӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва дигарон таваҷҷуҳ дошт. «Девон»-и Адиб Собири Тирмизиро соли 2001 омода карда, ба нашр расонд.

Аввали солҳои 90-ум ба зодгоҳаш дар вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон рафт ва солҳои охири умрашро дар он ҷо гузаронд.

Бахши филологияи тоҷикро дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз асос гузоштааст.

## Фароғати хонандагон

Дар вилояти Суғд 14 истироҳатгоҳи беруназшаҳрӣ бо фарогирии 1950 нафар кӯдакону наврасон, 633 адад истироҳатгоҳи наздимактабӣ бо фарогирии 49829 нафар, 73 истироҳатгоҳи истироҳатӣ – меҳнатӣ бо фарогирии 7996 нафар, 8 истироҳатгоҳи солимгардонӣ ва машғулиятҳои меҳнатӣ барои хонандагони синфҳои 9-10 бо фарогирии 310 нафар ва 22 истироҳатгоҳи варзишӣ – беҳдоштӣ бо фарогирии 900 нафар мактабиёнро ба оғӯши гарми худ мегиранд.

Давоми таътили тобистона 645 нафар хонандагон ятиму бепарастор, 6809 нафар толибилмон аз оилаҳои камбизоат ва 2975 нафар хонандагони дорои қобилияти фавқулодда ройгон ба истироҳатгоҳҳо фаро гирифта мешаванд.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи А-АТА №316307 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1995 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №108-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ғаниева Муҳайё додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ -№0013803, ки онро соли 2014 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35 ба номи Юсуфбеков Рустамбеки ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Гулов Сунатулло Абдуқаҳорович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи №0022363, ки онро соли 2003 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и шаҳри Ҳисор ба Нозиров Фурқат Бобораҷабович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи БР 051875, ки онро соли 1984 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Алиева Бибифазилат Хоҷаевна додааст, эътибор надорад.

**Роҳбарият ва кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Масрур Абдуллозода бинобар даргузашти падараш, адабиётшиноси номвар, доктори илми филология, профессор Аҳмад АБДУЛЛОЕВ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

**Аҳли эҷоди нашрияи «Омӯзгор» ба мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Масрур Абдуллозода бинобар даргузашти падараш, адабиётшиноси маъруф Аҳмад АБДУЛЛОЕВ изҳори ҳамдардӣ менамоянд.**

**Кормандони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и шаҳри Панҷакент ба номи Муродулло Шерализода аз даргузашти нобаҳангоми омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Лутфулло НУРАЛИЕВ андуҳгин буда, ба хешу табор ва пайвандони марҳум изҳори таслият менамоянд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj
Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА
Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ҷ. ҶӮРАЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)
Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61
«Омӯзгор» таҳти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. Навбатдори шумора Ҳ. ҲОМИД
Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 40883 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова
Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.